# БЮЛЛЕТЕНИ

## КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БЮЛЛЕТЕНЬ

## ВЫСШЕЙ АТТЕСТАЦИОННОЙ КОМИССИИ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

№ 1 -2 (13-14) 2020

БЮЛЛЕТЕН АЗ СОЛИ 2017 НАШР МЕШАВАД.

БЮЛЛЕТЕН ДАР ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 03.07.2017
ТАҲТИ № 011/МҶ-97 САБТИ НОМ ШУДААСТ.
БЮЛЛЕТЕН ДАР ЯК СОЛ 4 МАРОТИБА ЧОП МЕШАВАД.

**Сармуҳаррир:**

***Розиқзода А.Ш.*** – доктори илмҳои таърих, раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муовини сармуҳаррир:**

***Комилиён Ф.С.*** – доктори илмҳои физикаю математика, профессор, муовини раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Котиби масъул:**

***Бозоров Ш.Э.*** – номзади илмҳои кишоварзӣ, котиби илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**

***Муминзода Б.Ғ.***- номзади илмҳои тиббӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрии КОА

***Марифхонов Р.Н.*** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии КОА

***Гулаҳмадов Ҳ.Ш.*** – номзади илмҳои техникӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникии КОА

**Масъули чоп:**

***Шарифов Ҷ.***

Главный редактор:

***Розикзода А.Ш.*** – доктор исторических наук, председатель Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

Заместитель главного редактора:

***Комилиён Ф.С.*** – доктор физико-математических наук, профессор, заместитель председателя Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

Ответственный секретарь:

***Бозоров Ш.Э.*** – кандидат сельскохозяйственных наук, ученый секретарь Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

Редакционная коллегия:

***Муминзода Б.Г.*** – кандидат медицинских наук, заведующий аттестационным отделом медицинских, ветеринарных, фармацевтических и аграрных наук ВАК

***Марифхонов Р.Н.*** – кандидат юридических наук, заведующий аттестационным отделом общественно-гуманитарных наук ВАК

***Гулахмадов Х.Ш.*** – кандидат технических наук, заведующий аттестационным отделом естественно-математических и технических наук ВАК

Ответственный за выпуск:

***Шарифов Дж.***

# МУНДАРИЧА

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар, 18.03.2020 .......................... 5**

**Ҳисоботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ................................ 32**

***Ф.С. Комилиён.* Занҷири гусастаи илм бо истеҳсолотро мустаҳкам бояд баст........................................ 57**

**Шиносномаҳои соҳаи илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ........... 72**

Шиносномаи ихтисоси 6D050700........................................ 72
Паспорт специальности 6D050700 ...................................... 77
Шиносномаи ихтисоси 6D050600........................................ 82
Паспорт специальности 6D050600 ...................................... 87
Шиносномаи ихтисоси 6D051300........................................ 92
Паспорт специальности 6D051300 ...................................... 96
Шиносномаи ихтисоси 6D050900........................................100
Паспорт специальности 6D050900 ......................................111
Шиносномаи ихтисоси 6D090200........................................123
Паспорт специальности 6D090200 ......................................130

**Шиносномаҳои соҳаи илмҳои табиӣ, риёзӣ ва техникӣ ......137**

Шиносномаи ихтисоси 6D090900........................................137
Паспорт специальности 6D090900 ......................................143
Шиносномаи ихтисоси 6D090100........................................149
Паспорт специальности 6D090100 ......................................153
Шиносномаи ихтисоси 6D071800........................................157
Паспорт специальности 6D071800 ......................................159
Шиносномаи ихтисоси 6D070400........................................162
Паспорт специальности 6D070400 ......................................165

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ВОХӮРӢ БО ОЛИМОНИ КИШВАР, 18.03.2020, ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Донишмандон ва зиёиёни гиромӣ!**
**Ҳамватанони азиз!**

Мулоқоти мо бо аҳли илми кишвар дар остонаи ҷашни байналмилалии Наврӯз - соли нави аҷдодии мардуми ориёӣ баргузор мегардад.

Фарорасии фасли зебои баҳор ва ҷашни бузурги миллиро ба шумо, аҳли илму маориф, зиёиёни эҷодкор ва тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона табрик мегӯям.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва осори донишмандону муҳаққиқони маъруф зикр шудааст, ки замоне тоҷикони ориёитабор дар саргаҳи инқилобҳои ақлии тамаддуни башарӣ қарор доштаанд. Онҳо дар бунёди давлатҳои муташаккилу нерӯманд, офаридани нахустин арзишҳои фарҳангӣ, низоми одилонаи ҳуқуқӣ, осори ахлоқӣ ва таълифоти илмӣ саҳми беназир гузоштаанд.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, мо дар баробари эҳёи арзишҳои писандидаи Наврӯзи Аҷам, мулоқоти Роҳбари давлатро бо аҳли зиё – олимону донишмандон, адибону эҷодкорон, намояндагони маориф ва санъату ҳунар ба ҳукми анъана даровардем, то бо кору фаъолияти онҳо ошно гардида, масъалаву мушкилоти ҳалталабро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Қобили зикр аст, ки зиёиёни кишвари мо дар муддати қариб се даҳсолаи охир дар таҳкими давлатдории навини тоҷикон, муаррифии таъриху фарҳанги миллӣ, адабиёти оламшумул ва санъату ҳунар саҳми муносиб гузоштаанд. Дар омӯзишу таҳқиқи ҷашнҳои миллӣ ва эҳёи онҳо, аз ҷумла Наврӯз нақши зиёиён назаррас буда, онҳо дар заминаи сарчашмаҳои бостониву таърихӣ рисолаву таҳқиқоти арзишманд ба чоп расонидаанд.

Имрӯзҳо мардуми шарифи Тоҷикистон ба хотири истиқболи сазовори ҷашни муқаддаси миллиамон – сисолагии истиқлолияти давлатӣ бунёди ҳазорҳо иншооти истеҳсоливу иҷтимоиро ба нақша гирифта, тамоми қаламрави кишвари азизамонро ба корзори бузурги заҳмати созанда табдил додаанд, ки як қисми онҳо дар арафа ва рӯзҳои таҷлили Наврӯзи бостонӣ ба истифода дода мешаванд.

**Донишмандони мухтарам!**

Асри XXI замони пешрафти бесобиқаи илм ва техникаву технологияҳои навин мебошад. Дар чунин шароит рушди минбаъдаи ҳар кишвар аз дастгирӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардани дастовардҳои илмӣ вобастагии амиқ дорад.

Вобаста ба ин, мо дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сармояи инсонӣ диққати аввалиндараҷа додаем. Зеро дар шароити кунунӣ таваҷҷуҳ ба нерӯи зеҳнӣ ва сармояи инсонӣ аҳаммияти беш аз пеш пайдо карда, ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар таъсири амиқ мерасонад.

Имрӯз бе илму инноватсия, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадаме ба пеш гузошта намешавад. Мо дар доираи рушди илмҳои муосир саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми стратегии мамлакат эълон намудем. Дар ин раванд, мақсад дорем, ки истифодаи технологияҳои муосирро дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ густариш дода, тафаккури техникии аҳолӣ, дар навбати аввал, ҷавононро тақвият бахшем, барои пешрафти илмҳои бунёдӣ ва техникиву технологӣ фазои мусоид фароҳам оварем.

Маҳз бо ҳамин мақсад мо солҳои 2020-2040-ро бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон кардем ва бовар дорем, ки ин иқдом ба рушди тафаккури техникӣ ва тавсеаи ҷаҳонбинии илмии ҷомеа такони ҷиддӣ мебахшад. Вобаста ба ин, ба Вазорати маориф ва илм дастур дода шуд, ки аз рӯйи фанҳои зикршуда ҳар сол озмунҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявиро бо зиёд кардани шумораи ҷойҳои ифтихорӣ ва аз лиҳози молиявӣ ҳавасманд гардонидани ғолибон ба роҳ монад.

Илова бар ин, роҳбарияти вазоратро зарур аст, ки дар асоси талаботи нав ва бо мақсади мутобиқ сохтан ба меъёрҳои байналмилалӣ, инчунин, баланд бардоштани сифати таълим стандартҳои давлатӣ ва нақшаву барномаҳои таълимиро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таҷдиди назар намояд.

Халқи тоҷик аз қадим ба илм ва таълиму тарбия эҳтироми хос дошт ва дар тӯли таърих нобиғаҳое ба дунё овард, ки дар рушди илми ҷаҳонӣ ҳиссаи бузург гузоштаанд. Махсусан, дар замони давлатдории Сомониён баробари адабиёту ҳунар илмҳои табиатшиносӣ низ инкишоф ёфтанд ва осори олимони барҷастаи тоҷик дар асрҳои баъдӣ низ шуҳрати ҷаҳонӣ доштанд.

Кашфиёту дастовардҳои илмии Муҳаммади Хоразмӣ, Аҳмади Фарғонӣ, Закариёи Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва дигарон дар фосилаи чандин аср аз тарафи олимони Аврупо ва дигар кишварҳои олам васеъ истифода шудаанд. Ин раванди донишпарварӣ дар садсолаҳои баъдина низ идома ёфта, таҳқиқоти пурарзиш ва осори донишмандони тоҷик имрӯз ҳам аҳаммияти таърихиву илмии худро гум накардааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ маорифпарварӣ яке аз самтҳои меҳварии давлатдории мо буда, рушди илму маориф, омӯзиши техника ва технологияҳои нав, тақвияти нерӯҳои зеҳнӣ ва ташаккули забони илм дар мақоми авлавият қарор дорад.

Дар ин раванд, мо ҷойгоҳу манзалат ва дар айни замон, масъулияти олимону донишмандон, аҳли маориф ва зиёиёни эҷодкорро дар ҷомеа давра ба давра баланд бардоштем. Ҳамчунин, як силсила барнома ва лоиҳаҳои илмиро бо дарназардошти манфиатҳои давлатдории миллӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода, барои пешрафти илму маориф заминаи мусоид фароҳам овардем.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Вазъи илму маориф ва масъалаҳои вобаста ба рушди имкониятҳои зеҳнии мардуми кишвар дар шароити соҳибистиқлолӣ дар бисёр мулоқоту суханрониҳои мо ҳамаҷониба таҳлил гардидаанд.

Дар вохӯрии имрӯза тасмим гирифтем, ки андешаҳои худро доир ба дурнамои рушди илм, маориф, беҳтар намудани омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ, ташаккул додани тафаккури техникӣ, вусъат бахшидан ба навовариву ихтироъкорӣ, бурду бохти раёсат ва институтҳои Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сохторҳои онҳо ва сатҳу сифати тарбияи кадрҳои илмӣ баён намоем.

Инчунин, дастоварду муваффақият ва камбудиву норасоиҳоро баррасӣ карда, вазифаҳоро барои пешрафти минбаъдаи илм ва таҳкими робитаи он бо истеҳсолот мушаххас созем. Вобаста ба хусусиятҳои замони ҳозира дар соҳаи илм ва фаъолияти илмӣ масъалаҳое ба вуҷуд омадаанд, ки мо бояд мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор дода, барои ҳаллу фасли онҳо тадбирҳои саривақтӣ андешем.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки мо бояд ба пешрафти илмҳои бунёдиву техникӣ ва технологиву инноватсионӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоем, мавзӯъҳои фармоиширо ба рушди иқтисодиёти кишвар мутобиқ гардонем, ба тарбияи кадрҳои илм ва тақвияти неруи зеҳнӣ эътибори аввалиндараҷа диҳем ва маблағгузории соҳаҳои илмро, ки ба иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат равона шудаанд, таҷдиди назар кунем.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, бо вуҷуди душвориҳои зиёде, ки ба сари давлат ва халқи Тоҷикистон омаданд, мо на танҳо Академияи илмҳоро нигоҳ доштем, балки академияҳои соҳавиро таъсис дода, соҳаҳои илму маорифро дастгирӣ кардем ва муассисаҳои илмиву таълимиро дар доираи имкониятҳои мавҷудаи буҷет маблағгузорӣ намудем.

Имрӯз дар Академияи илмҳо беш аз 2000 нафар кормандон фаъолият менамоянд, ки 32 нафари онҳо аъзои пайваста, 52 нафар аъзои вобаста, 190 нафар доктори илм ва 360 нафар номзадҳои илм мебошанд.

Яке аз вазифаҳои муҳимме, ки дар назди Академияи илмҳо қарор дорад, омода кардани кадрҳои илмӣ мебошад. Ҳоло бо ин мақсад дар магистратура ва докторантураи ин муассисаи илмӣ 1500 нафар ҷавонон, аз ҷумла 650 нафар ё 43 фоиз ба илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Илова бар ин,

солҳои охир беш аз 100 нафар муҳаққиқони ҷавон дар муассисаҳои бонуфузи илмии хориҷи кишвар таҳсил карда, ҳоло дар сохторҳои Академияи илмҳо кору фаъолият мекунанд. Вале бо вуҷуди ин, дар баъзе самтҳои илм шумораи кадрҳои дараҷа ва унвонҳои илмидошта нокифоя буда, аксари муассисаҳо ба ходимони илмии болаёқат ниёз доранд.

Мушоҳида ва таҳлили вазъи имрӯзаи муассисаҳои илмӣ ва ташкилоту корхонаҳо метавонад шоҳиди арзёбии вазъи таъминоти кадрии муассисаҳои илмӣ ва мактабҳои олии кишвар бошад. Масалан, иқтидори кадрии Академияи илмҳо имрӯз назар ба солҳои пеш хеле коҳиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти оморӣ соли 1985 дар сохтори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи номзадҳои илм 656 нафарро ташкил медод, вале имрӯз номзадҳои илм дар ин муассиса ҳамагӣ 360 нафарро ташкил медиҳанд, ки дар муқоиса ба соли 1985 қариб 300 нафар камтар мебошад. Бинобар ин, Академияи илмҳоро зарур аст, ки бо ҷалби иқтидори илмии донишгоҳҳои мамлакат ва дигар муассисаҳои таҳқиқотӣ барномаи дарозмуддату фарогири тарбияи кадрҳоро бо дарназардошти ҳадаф ва манфиатҳои миллӣ таҳия намояд ва дар самти тайёр кардани мутахассисони сатҳи баланди илмӣ тадбирҳои иловагӣ андешад.

Академияи илмҳо, инчунин, ҳамоҳангсозии корҳои илмиву таҳқиқотиро дар соҳаҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ ба уҳда дорад. Бо ин мақсад дар назди раёсати Академияи илмҳо Шӯрои ҳамоҳангсози корҳои илмиву таҳқиқотӣ фаъолият дорад, ки лоиҳаҳои илмиву таҳқиқотии фармоиширо баррасӣ менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло низ дар интихоби мавзуъҳо саҳлангорӣ мушоҳида шуда, маблағҷудокунӣ ба илмҳои барои кишвар зарурӣ кам мебошад. Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат бояд якҷо бо Шӯрои ҳамоҳангсоз самаранокии маблағгузории буҷетии лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотиро аз нуқтаи назари супоришҳои имрӯза баррасӣ намояд ва механизмҳои муосири маблағгузории онҳоро тасдиқ ва амалӣ гардонад. Ҳамчунин, бо мақсади аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ ва таъмин намудани рақобати озоди истеъдодҳо ба манфиати илм ва давлат тартиби

вобаста кардани лоиҳаҳои илмӣ ва мавзӯъҳои фармоиширо дар байни муассисаҳои илмӣ ва олимон бознигарӣ намояд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ донишмандони Академияи илмҳо як силсила кашфиётро дар соҳаҳои риёзӣ, физика, химия, биология, геология, физиология ва генетикаи растаниҳо мавриди амал қарор додаанд. Аммо дар замони пешрафти босуръати ҷомеа ҷустуҷӯҳои илмӣ талаботи давлатро қонеъ карда наметавонанд. Масалан, мо имконият дорем, ки бо ёрии олимону муҳаққиқони ихтироъкори соҳаҳои физика, химия, технология, биология ва физиологияи растаниҳо истеҳсоли баъзе таҷҳизоти техникиро дар мамлакат ба роҳ монем ё навъҳои гуногуни тухмии зироатҳоро худамон истеҳсол кунем. Вале бо вуҷуди он, ки мо захираҳои зиёд дорем, то ба ҳол тухмии бисёр навъҳои зироатро аз хориҷи кишвар ворид мекунем ва тамоми таҷҳизоту технология, ҳатто молҳои талаботи ҳаррӯзаи мардумро низ аз берун харидорӣ менамоем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти институтҳои Академия ба беҳбудии ҷиддӣ ниёз дорад ва бо вуҷуди дастгириҳои давлатӣ корҳои илмии кормандони онҳо ба талаботи давлат кам ҷавобгӯ мебошанд.

Дар бештари корҳои илмии олимони мо мавзӯъҳо ва самтҳои таҳқиқ такрор шуда, қисми ками натиҷаҳои онҳо дар истеҳсолоти ватанӣ татбиқ мегарданд. Маълум мешавад, ки робита миёни институтҳои Академияи илмҳо бо вазорату кумитаҳои соҳавӣ, корхонаҳои саноатӣ ва ширкатҳои истеҳсолии хусусӣ ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда нашудааст.

Вобаста ба ин, Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ ва бахшҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадор карда мешаванд, ки сохтори идории худро таҷдиди назар карда, самаранокии фаъолият ва назорати корҳои илмиву таҳқиқотиро дар тамоми муассисаҳои академӣ ва пажӯҳишгоҳҳои соҳавӣ таъмин намоянд. Инчунин, меъёри арзёбии корҳои илмиву таҳқиқотиро мутобиқи талаботи байналмилалӣ таҳия ва ҷорӣ карда, минбаъд ҷобаҷогузории кадрҳо ва интихоби аъзои вобаставу пайвастаи Академияи илмҳоро тибқи ин меъёр ба роҳ монад.

Дар замонҳое, ки илм аз дастгирии давлат бархӯрдор набуд ва ҳамчун навъи шуури ҷамъиятӣ дар рақобати озод бо эътиқоду ахлоқ

қарор дошт, тавонист садҳо нафар абармардони илми ҷаҳонӣ ва нобиғаҳоро ба майдон оварад.

Сабаб дар чӣ буд, ки олимони пешин чунин дастовардҳоро ноил шудаанд?

Ба назари мо, дар он давраҳои тираву тор олим ва илм ба хотири исботи ҳаққонияти худ мубориза мебурд ва барои мавҷудияти илм замина муҳайё мекард.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки дар шароити кунунӣ, яъне дар замоне, ки барои рушди илм тамоми имкониятҳо муҳайё мебошанд, роҳу воситаҳои оқилонаи рақобати озоди илмро бо дарназардошти манфиатҳои милливу давлатӣ таъмин намоем.

Мусаллам аст, ки бе мавҷудияти озмоишгоҳҳои муҷаҳҳазу замонавӣ, пояи устувори моддиву техникӣ ва кадрӣ пешрафти илмҳои техникиву табиӣ ва хусусан, илмҳои таҷрибавӣ (эксперименталӣ) ғайриимкон аст. Бояд ёдовар шуд, ки ҳоло маҳз бо ҳамин сабаб, тақрибан тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиву олӣ, илмиву таҳқиқотӣ ва озмоишгоҳҳои соҳаи тандурустии кишвар наметавонанд таҳқиқоти самаранок ва ташхиси дақиқу саривақтиро ба анҷом расонанд.

Мушкилоти зикршуда тарбияи мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи муосирро дар самти фанҳои таҷрибавӣ ва таҳқиқоти бунёдӣ ғайриимкон месозад. Илова бар ин, озмоишгоҳҳои санҷиши сифати маҳсулот дар назди марказҳои савдо, Корхонаи воҳиди давлатии “Роҳи оҳан”, Хадамоти гумрук, Агентии “Тоҷикстандарт”, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ ва монанди инҳо низ фаъолияти худро бе таҷҳизоти зарурӣ ва маводи кимиёӣ наметавонанд дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд.

Ҳол он ки доир ба ин масъала ҳанӯз соли 2017 барномаи махсуси давлатӣ қабул гардида буд. Бинобар ин, Маркази ҷумҳуриявии таъминоти соҳаҳои илм бо таҷҳизоти техникӣ, асбобҳо, маводи кимиёӣ ва васоити экспедитсионӣ вазифадор карда мешавад, ки сарфи назар аз мансубияти сохторӣ, тибқи талаботи муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ ҷиҳати харидорӣ кардани таҷҳизот, ашё ва бахусус, маҳлулҳои кимиёиву биологӣ чораҷӯӣ намояд.

Ҳамзамон бо ин, Дастгоҳи иҷроияи Президент бо вазоратҳои адлия, молия, маориф ва илм, Академияи илмҳо ва академияҳои

соҳавӣ тартиби фаъолияти ин муассисаро баррасӣ карда, доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба низомномаи он пешниҳод манзур намоянд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Дар самти таҳқиқи таърих, забон ва адабиёт, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва фарҳанги пурғановати миллати тоҷик донишмандони Академияи илмҳо корҳои арзишмандеро анҷом дода, осори бебаҳои нобиғаҳои илму адабро ба чоп расонидаанд. Аз ҷумла монографияи шашҷилдаи “Таърихи халқи тоҷик” ба забони русӣ ба нашр расида, китоби “Этногенез ва таърихи этникии тоҷикон ” ба чоп омода гардид, ки аҳаммияти зиёди илмӣ ва амалӣ дорад. То ба имрӯз ба муносибати 5500-солагии Саразм як қатор рисолаҳо таҳия ва ба нашр омода шудаанд. Ҳоло дар чандин мавзеъҳои таърихии кишвар корҳои бостоншиносӣ идома доранд.

Аммо бояд иқрор шуд, ки кор дар ин самт дар сатҳи қаноатбахш ба роҳ монда нашудааст. Мо Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносиро бо таҷҳизот, техника ва воситаҳои нақлиёт таъмин карда, донишҷӯёни ихтисосҳои бостоншиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро барои ҳамкорӣ бо онҳо сафарбар кардем, вале натиҷаҳои фаъолияти бостоншиносон қонеъкунанда нест.

Тибқи мушоҳида корҳои бостоншиносӣ дар ёдгориҳои таърихии Тахти сангин, Ҳулбук, қалъаҳои Кӯлоб, Ямчун, Шайдони Сари Хосор, ёдгориҳои Кангуртут, Золи Зард, Носири Хусрав ва Саразм ба талабот ҷавобгӯ набуда, маводи муаррификунанда доир ба ёдгориҳои таърихии зикршуда таҳия нашудаанд ва дар масири онҳо то ҳол корҳои таъмиру азнавсозӣ амалӣ нагардидаанд.

Аз ин рӯ, ба Академияи илмҳо, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки бо ихтисоси таърих ва бостоншиносӣ мутахассис омода мекунанд, супориш дода мешавад, ки корҳои илмиву бостоншиносиро дар мавзеъҳои таърихӣ васеъ ба роҳ монанд ва якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати таҷдиду барқарорсозии онҳо тадбирҳои мушаххас андешанд. Ғайр аз ин, осори хаттии забонҳои гуногун, пеш аз ҳама, забонҳои қадимаи ориёӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, арманӣ, арабӣ, хитоӣ ва русӣ вобаста

ба таърих, адабиёт ва фарҳанги тоҷикон бояд ҷамъоварӣ гардида, ба забони тоҷикӣ тарҷума ва дастраси хонандагон карда шавад.

Дар баробари ин, мо бояд баргардон ва ба забони тоҷикӣ тарҷума кардани асарҳои таърихиву илмии донишмандонеро, ки дар таърихи илм хизматҳои барҷаста кардаанд, аз хотир набарорем. Зеро ин кор ба рушди забони илм низ мусоидат мекунад. Мо дар сохтори Иттифоқи нависандагон маркази тарҷума ва дар аксари донишгоҳҳо марказҳои илмӣ таъсис додаем. Вазифаи онҳо маҳз тарҷума, баргардон ва бознашри осори арзишманди гузаштагону муосирони ҷаҳонӣ ва ватанӣ ба шумор меравад. Гарчанде осори манзуму мансури адибони классикӣ ва муосир қисман таҳқиқу таҳия ва нашр шудааст, вале масъалаҳои таҳқиқталаб доир ба таърихи адабиёти тоҷик ҳанӯз хеле зиёд мебошад.

Солҳои охир дар пойтахт як амали неку дурандешона ба ҳукми анъана даромадааст, ки фарзандон ва наздикони олимону адибони фавтида китобхонаи волидайнашонро ба Китобхонаи миллӣ барои истифода месупоранд. Ин китобҳо дар китобхона бо номи соҳибонашон нигоҳ дошта мешаванд ва хонандагон аз онҳо истифода мекунанд. Бо ин роҳ китобҳо аз ҳама гуна хатарҳо ҳифз мешаванд ва аз тарафи дигар, номи ин олимон абадӣ боқӣ мемонад. Масалан, китобхонаҳои академик Муҳаммадҷон Шакурӣ, профессорон Соҳиб Табаров, Раҳим Мусулмониён бо номҳои худашон дар Китобхонаи миллӣ ҳифз шуда, дӯстдорони илму адабиёт ва умуман ҷавонон аз онҳо истифода менамоянд.

Вобаста ба ин, ба олимони калонсол, фарзандони донишмандон ва ҳамаи зиёиён муроҷиат карда, хоҳиш менамоям, ки китобхонаи худро ба Китобхонаи миллӣ супоранд, то дигарон низ аз онҳо истифода карда, манфиат бинанд ва ғизои маънавӣ гиранд. Мо як нуктаро ҳамеша бояд дар ёд дошта бошем, ки китобхонӣ роҳи асосии баланд бардоштани сатҳи маърифат аст ва олим бе китобхонӣ олим намешавад. Зеро бузургон гуфтаанд, ки ҳар гоҳ аз китобхонӣ бозмондӣ, аз фикр кардан ҳам мемонӣ.

Ман андешаҳои худро доир ба вазъи забони давлатӣ ва илми забоншиносӣ дар суханронӣ ба муносибати Рӯзи забон муфассал баён карда, дар назди сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ ва олимони соҳа вазифаҳои мушаххас гузошта будам. Ҷиҳати ҳалли

масъалаҳои зикршуда ва дастуру супоришҳои додашуда роҳбарону масъулон ва мутахассисони ниҳодҳои дахлдор вазифадоранд, ки камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф карда, ба омӯзиши масъалаҳои мубрами давлатдории миллӣ, таърихи пурифтихору тӯлонии халқи тоҷик, таърихи адабиёт ва забони тоҷикӣ ҷиддӣ машғул шаванд.

Бо истифода аз фурсат, бори дигар таъкид месозам, ки таърих, забон, фарҳанг, расму ойин ва маданияти либоспӯшии миллӣ арзишҳои ҳувиятсоз буда, оламиён мову шуморо, қабл аз ҳама, аз рӯйи ҳамин сифатҳо мешиносанд ва эътироф мекунанд.

Имрӯз рисолати олимони ҷамъиятшинос аз он иборат аст, ки парчамбардорони омӯзишу таҳқиқ ва ташвиқу таблиғи ғояҳои фарҳангу адабиёти ҷаҳоншумули тоҷикон бошанд, аз арзишҳои миллӣ, ки аслу асоси давлатдории миллии дунявии мо маҳсуб мешаванд, бо нангу номуси ватандорӣ дифоъ кунанд ва дар амри густариши худшиносии милливу таърихии насли ҷавон бо кору пайкори худ намунаи ибрат нишон диҳанд.

Илова бар ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ, вусъати рақобатҳои геополитикӣ, авҷгирии зуҳуроти хатарноки ифротгароиву терроризм ва дигар мушкилоти глобалӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи афкори фалсафию ҳуқуқӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва ахлоқиву маънавӣ талаби замон буда, омӯзиши фарҳанги моддиву ғайримоддии миллат бояд самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ бошад.

Бояд гуфт, ки хурофот, ифротгароӣ ва радикализми динӣ яке аз хатарҳои баояндаи босуботи мардуми мо таҳдидкунанда мебошад. Аксари мардуми мо ба зиндагӣ ва воқеият аз нуқтаи назари мантиқ, илм ва ҷаҳонбинии илмӣ баҳо намедиҳанд.Ба назари мо, як сабаби пеш нарафтани тафаккури мардум ҳамин омил мебошад.

Ҷавонон, киояндаи мамлакат мебошанд, бояд аз ақидаҳои хурофотӣ дур бошанд, донишҳои муосирро ҷиддӣ омӯхта, ҳар як рӯйдоди ҷомеаро аз нуқтаи назари илму мантиқ таҳлил кунанд ва дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб намоянд.

Аз ин рӯ, олимони сиёсатшинос, файласуфҳо ва умуман, ҷомеашиносонро зарур аст, ки сабабу омилҳои зуҳури ақидаҳои хурофотӣ, шиддат гирифтани ифратгароии динӣ ва оқибатҳои онҳоро таҳқиқ карда, роҳҳои аз байн бурдани хурофот ва сабабу омилҳои дохиливу хориҷии сар задани ҷанги таҳмилии

шаҳрвандиро дар кишвар ҳамаҷониба мавриди арзёбӣ қарор диҳанд.

Дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки бо гуноҳи хоинони миллати тоҷик, аз ҷумла ҳизби террористиву экстремистии наҳзат сар зад, олимону мутахассисони беҳтарини мо ба тарки Ватан маҷбур шуданд ва илова ба хисороти зиёде, ки ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва халқи мо расонида шуд, илму маориф низ зиёни бузург дид. Имрӯз мардуми мо бояд сабабҳои он ҷанги хонумонсӯзро донанд. Дар ин бобат набояд хомӯш бошем. Олимони мо бояд сабабу омилҳои онро таҳқиқ кунанд, то ки чунин хатоиҳо дар оянда такрор нашаванд.

Омӯзиш ва таҳлили равияҳои афзалиятноки илм дар Тоҷикистон ва муқоисаи онҳо бо кишварҳои дигар собит месозад, ки ин самт ба бознигарӣ ниёз дорад ва камбудиҳои ҷойдошта бояд ҳарчи зудтар бартараф карда шаванд.

Самту равияҳои афзалиятнок дар ин марҳала бояд, пеш аз ҳама, ба навсозӣ ва ислоҳоти иқтисоди миллӣ ва ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат - таъмини истиқлолияти энергетикӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат равона карда шаванд.

Бинобар ин, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, Академияи илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ вазифадор карда мешаванд, ки захираҳои зеҳнии мамлакатро ба самти таъмини иҷрои ҳадафҳои стратегии кишвар сафарбар карда, номгӯйи равияҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмиро дар муддати се моҳ аз нав таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Дар баробари Академияи илмҳо дар рушди илми ватанӣ саҳми академияҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ назаррас аст.

Академияи таҳсилот ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф дар сохтори Вазорати маориф ва илм фаъолият карда, масъалаҳои вобаста ба низоми таълиму тарбияро таҳқиқ менамоянд.

Олимони муассисаҳои илмии зикршуда илова ба таҳияи стандартҳои таълимиву фаннӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва омӯзиши

масъалаҳои педагогикаи муосир нишондиҳандаҳои барномаву консепсияҳои давлатиро таҳлил карда, мониторинги сифати таълим ва иҷрои нақшаву барномаҳои таълимиро дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ анҷом медиҳанд. Лекин тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, фаъолияти ин муассисаҳои илмӣ чандон самарабахш нест.

Академияи таҳсилот ба масъалаи дурнамои рушди маориф бояд диққати аввалиндараҷа дода, доир ба мақоми мактаби муосир, сатҳу сифати китобҳои дарсӣ, ворид кардани ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқамон дар китобҳои дарсии фанҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ, раванди таълим, таносуби соатҳои фаннӣ, усулҳои фаъоли таълим, роҳҳои самараноки омӯзиши фанҳои табиӣ, риёзиву дақиқ ва ташаккули зеҳнияти хонандагону донишҷӯён пешниҳодҳои мушаххас манзур намояд.

Ҳоло дар кишвар ислоҳоти соҳаи маориф идома дорад. Аммо консепсияи мукаммал доир ба шакли идораи сохторҳои соҳаи маориф ва азнавсозии таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо то ҳанӯз таҳия нагардидааст.

Пажӯҳишгоҳ, инчунин, ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, мазмуну мундариҷаи воситаҳои таълим, пешниҳоди китобҳои дарсии ҷавобгӯи талаботи замони истиқлолият аз фанҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ ва тақсими соатҳо кам аҳаммият дода, доир ба усулҳои тағйир додану тавсеа бахшидани ҷаҳонбинии техникии наврасон тавсияҳои нав надорад.

Аслан назарсанҷии асосҳои ислоҳоти соҳаи маориф бояд аввал тавассути сохторҳои илмии зикршуда анҷом ёфта, баъдан дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ карда шавад. Вале, мутаассифона, пешравиҳо дар ин самт хеле кам ба мушоҳида мерасанд.

Аз ин рӯ, Академияи таҳсилот ва Пажӯҳишгоҳи рушди маорифро зарур аст, ки вазъи амалишавии ислоҳоти соҳаи маорифро ҳамаҷониба омӯхта, ҷиҳати ҷорӣ кардани таҷрибаи наву пешқадам, сатҳу сифати китобҳои дарсӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, бо мақсади татбиқи Фармони Президенти мамлакат доир ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”, ки ба таъмин намудани пешрафти

корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва ташаккули салоҳиятнокии касбӣ равона шудааст, чораҳои зарурӣ андешад.

Дигар нуктаи муҳим ин аст, ки мо бояд бо такя ба таҷрибаи ҷаҳони муосир интихобу тарбияи кӯдакони болаёқату боистеъдодро аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ оғоз кунем ва таълими онҳоро мақсадноку дурбинона ба роҳ монем.

Мо барои расидан ба ин ҳадаф дар сохтори Академияи илмҳо бунёди мактаби зеҳниро оғоз кардем, ки солҳои наздик ба истифода дода мешавад. Дар мактаби мазкур барои таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ шароити хуб фароҳам оварда шуда, кӯдакону наврасони боистеъдод тавассути озмун қабул ва таълим дода мешаванд.

Ғайр аз ин, дар кишвар шабакаи литсею гимназияҳо ва мактабҳои Президентӣ ташкил кардаем, ки то имрӯз соҳиби дастовардҳои назарраси фаннӣ гардидаанд. Ба фаъолияти ин муассисаҳо низ бояд эътибори ҷиддӣ дода, сифати таълимро боз ҳам беҳтар ба роҳ мондан зарур аст.

Минбаъд дар литсейҳои Президентӣ аз ҳисоби хонандагони синфҳои болоӣ ҷиҳати омӯзиши фанҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ гурӯҳҳои мақсаднок таъсис дода, ба сатҳу сифати донишандӯзии онҳо эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Фаъолияти кафедраҳои тахассусии муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олии касбӣ ва сифати омода кардани омӯзгорони фанҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ низ беҳбудӣ мехоҳад. Таъкид месозам, ки кафедраҳои тахассусии илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ ба навсозӣ ва ислоҳот ниёз доранд. Дар ин самт соатҳои таълимӣ намерасанд ва дар барномаву нақшаҳои таълимӣ таносуби нобаробари соатҳо вуҷуд дорад.

Дар назди кафедраҳои тахассусӣ дар доираи лоиҳаҳо озмоишгоҳҳои нав таъсис ёфта, ташкили технопаркҳо ва устохонаҳои муосир имкони дар истеҳсолот амалӣ кардани баъзе ихтироотро муҳайё намудаанд. Вале дар ин самт низ корҳои илмии амалӣ ба назар намерасанд, натиҷаи корҳои озмоишӣ ва сатҳу сифати таҳияи рисолаҳои илмӣ талаботи давлатро қонеъ карда наметавонад.

Ташкили корхонаҳои хурди илмиву истеҳсолӣ бо мақсади дар истеҳсолот ҷорӣ намудани натиҷаи корҳои илмиву таҳқиқотӣ, таҳким бахшидан ба фаъолияти технопаркҳо, робитаи мустақими мактабҳо ва марказҳои илмии муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ бо корхонаҳои истеҳсолии ватаниву хориҷӣ роҳи дигари пайвастани илм бо истеҳсолот мебошад.

Талаботи рӯз чунин аст, ки рушди илмҳои дақиқро бояд таъмин карда, натиҷаи корҳои илмӣ дар истеҳсолоти ватанӣ ҷорӣ ва таҷрибаҳои инноватсионӣ татбиқ гарданд ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ихтисосҳои вобаста ба манбаъҳои таҷдидшавандаи нерӯ, яъне "энергияи сабз", "иқтисоди сабз" ва "иқтисоди рақамӣ" таъсис дода шаванд.

Дар баробари ин, бояд масъалаи арзёбии рейтинги донишкадаву донишгоҳҳо низ такмил дода шавад. Дар оянда мо бояд мақоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро на аз рӯйи шумораи хатмкардагон, балки вобаста ба шумораи хатмкардаҳои бо кор таъминшуда ва дастовардҳои илмии дар истеҳсолот татбиқгардида муайян намоем.

Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки аз 1 январи соли 2021 шумораи гирандагони стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар омӯхтани фанҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ натиҷаҳои баланд нишон медиҳанд, аз 400 нафар то 3000 нафар зиёд ва андозаи маблағи он 500 сомонӣ муқаррар карда шавад. Инчунин, шумораи гирандагони чунин стипендияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 100 нафар то 500 нафар ва барои аспирантони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмӣ аз 15 нафар то 50 нафар зиёд карда шавад. Аз шумораи умумии стипендияҳои Президентӣ 70 фоиз барои фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ равона карда шавад.

Ба вазоратҳои молия, маориф ва илм супориш дода мешавад, ки барои аз 1 сентябри соли 2021 зиёд намудани музди меҳнати омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар имтиёзҳо барои омӯзгорони чунин муассисаҳо, бахусус, омӯзгорони ҷавон ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод манзур намоянд.

Дар баробари ин, устодоне, ки шогирдони онҳо дар озмунҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ аз ин фанҳо ҷойҳои намоёнро ишғол менамоянд, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ қадрдонӣ карда шаванд. Инчунин, олимоне, ки ихтирооташон дар истеҳсолоти ватанӣ ҷорӣ мешаванд, ба мукофотҳои давлатӣ пешниҳод карда шаванд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо ташаббуси мо соли 2009 дар сохтори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Академияи илмҳои тиб таъсис дода шуд. Ҳарчанд ки дар муддати фаъолияти беш аз даҳсолаи худ ин муассиса як қатор усулҳои нави табобатро ҷорӣ кардааст, вале натавонист фаъолияти худро ҳамчун маркази илмӣ дуруст ба роҳ монад ва ба дастовардҳои назаррас дар соҳаи илми тиб ноил гардад.

Боиси нигаронист, ки дар зарфи беш аз ду даҳсола аз ҷониби олимони соҳаи тандурустии кишвар истеҳсоли ягон навъи доруи ватанӣ ба роҳ монда нашудааст. Ҳол он ки табиати Тоҷикистони мо аз навъҳои гуногуни растаниҳои шифобахш бой буда, онҳо то имрӯз танҳо дар асоси таҷрибаи тибби халқӣ коркард мешаванд.

Олимони кишварро зарур аст, ки дар шароити рушди босуръати технологияҳои замони муосир истеҳсоли доруворириро бо истифода аз гиёҳҳои шифобахши ватанӣ оғоз намоянд ва дар ҳифзи саломатии аҳолии мамлакат ҳисса гузоранд. Ғайр аз ин, дар кишвари мо дар асоси ашёи хоми ватанӣ имкони коркард ва истеҳсоли таҷҳизоти гуногуни тиббӣ вуҷуд дорад. Аммо ин имконият барои табобат ва сохтани техникаву таҷҳизоти соҳа кам истифода мешавад ва олимони кишвар бояд дар ин ҷода низ чораҳои мушаххас андешанд.

Аз ин рӯ, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки якҷо бо Академияи илмҳо, вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар муддати се моҳ лоиҳаи қарори Ҳукуматро ҷиҳати барҳам додан ва ба сохтори Академияи илмҳо ворид кардани Академияи илмҳои тиб пешниҳод намояд. Ҳамчунин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки бо истифода аз таҷрибаи олимони муассисаҳои таълимие, ки дар

сохтораш фаъолият менамоянд ва аз ҳисоби мавзуъҳои фармоишии соҳаи тиб ҷиҳати ҳалли камбудиҳо чораҷӯӣ карда, ба рушди илми тиб ва ихтироoти нав дар ин самт диққати аввалиндараҷа диҳад.

Вобаста ба мавзуъ, як масъалаи муҳимро таъкид менамоям, ки узвият дар академияҳо на барои шуҳрату номи баланд ёфтан, балки ба хотири кашфиёту навоварӣ, хизмати содиқона ба илм ва халқи Тоҷикистон, тарбияи кадрҳо, риояи одоби илмӣ, яъне этикаи илмӣ ва интизоми корӣ бояд бошад.

**Донишмандони арҷманд!**

Бо мақсади мусоидат ба рушди соҳаи кишоварзӣ, таъмини аҳолӣ бо ғизои хушсифат ва ҷорӣ намудани навгониҳо дар ин самт мо Академияи илмҳои кишоварзиро таъсис додем. Ҳоло дар сохтори ин муассисаи илмӣ 7 институт, 4 марказ, 2 пойгоҳи асосӣ ва 26 филиал, хоҷагиҳои таҷрибавӣ ва пойгоҳҳои хурди илмӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 1120 нафар кор мекунанд.

Вазифаи асосии Академияи мазкур тавассути фаъолияти илмӣ дар ҳамаи бахшҳои кишоварзӣ ноил гардидан ба дастовардҳои навтарин дар ин самт ва мусоидат ба татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар - ҳифзи амнияти озуқаворӣ мебошад. Инчунин, Академия ба омода кардани кадрҳои баландихтисос ва беҳтар намудани ҳамоҳангсозии илми кишоварзӣ машғул мебошад.

Бо ин мақсад институтҳои Академия 60 мавзӯи фармоишӣ, 6 лоиҳа дар доираи барномаи рушди инноватсионӣ, 5 барномаи байналмилалӣ ва 6 лоиҳаро аз ҳисоби маблағҳои Фонди Президентии таҳқиқоти бунёдӣ амалӣ карда истодаанд. Дар доираи ин мавзӯъҳо 78 қитъаи таҷрибавӣ ташкил шуда, дар онҳо омӯзиши усулҳои муосири селексия, технологияи парвариши зироат ва чорво, бунёди боғҳои интенсивӣ, усулҳои мубориза бо касаливу зараррасонҳои зироату чорво гузаронида мешавад.

Ҳарчанд ки олимони соҳа дар бахшҳои мухталифи илми кишоварзӣ ба як қатор пешравиҳо ноил шудаанд, аммо дар шароити рушди босуръати илм навовариву ихтироот ва таҳқиқоту бозёфтҳои онҳо ҳоло ҳам қаноатбахш нестанд. Масалан, мо даҳҳо навъи растаниҳо, дарахтони ороишиву мевадиҳанда ва гулҳои ҳамешасабзу мавсимиро то ба ҳол аз кишварҳои хориҷӣ ворид

мекунем. Инчунин, то ҳанӯз вазъи парвариши навъҳои меваю ангури ба содирот нигаронидашуда ба талабот ҷавобгӯ нест.

Ба сифати тухми ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум, намудҳои серҳосили пахта, тухмии картошка ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба табиати кишвари мо мутобиқанд, беаҳаммиятӣ зоҳир мекунем. Дар соҳаи чорводорӣ ҳам корҳои назарраси илмӣ каманд. То ҳол натиҷаҳои фаъолият оид ба дурагакунии чорвои хушзот, навъҳои тоҷикии чорвои хурд ва калони шохдор хеле кам мебошанд.

Соҳибкорони мо зотҳои нави чорворо аз кишварҳои дигар ворид карда истодаанд, аммо чорвои маҳаллӣ, ки ба шароити мо мутобиқ мебошад, аз омӯзиш дур мондааст. Олимони мо ҳатто таҷрибаи чорводорони пешқадамро дуруст намеомӯзанд ва ба зиёд кардани чорвои хушзоти маҳаллӣ кам диққат медиҳанд.

Мо аз олимони давлатҳои ҳамсоя дар масъалаи таҳқиқи ваксинаҳои чорво низ қафо мондаем ва аксари доруҳои ҳайвоноту паранда аз хориҷи кишвар ворид карда мешаванд. То ба ҳол доир ба бунёди корхонаҳои фарматсевтии истеҳсоли доруҳои чорво ягон иқдом амалӣ нагардидааст.

Ба соҳаҳои парандапарварӣ, аз ҷумла парвариши мурғи марҷон, инчунин, моҳидорӣ, ки талабот ба маҳсулоти онҳо дар мамлакат зиёд мебошад, кам диққат медиҳем. Ҳол он ки мо барои рушди ин соҳаҳо имтиёз муқаррар кардаем ва лоиҳаҳои фармоишиеро, ки дар ин самт таҳия мешаванд, аз ҷониби давлат маблағгузорӣ менамоем. Вале ҳар сол ба кишвар ба маблағи 40-45 миллион доллар гӯшти паранда ворид мекунем.

Вобаста ба ин, Академияи илмҳои кишоварзӣ ва институтҳои онро зарур аст, ки фаъолияти худро ба шароит ва талаботи рӯз мувофиқ гардонида, маблағҳои фармоишӣ ва лоиҳавиро ба масъалаҳои мубрами соҳаи кишоварзӣ равона намоянд, низом ва сифати кору фаъолиятро куллан тағйир дода, ба корҳои илмӣ ҷиддӣ машғул шаванд ва ба рушди бахшҳои мухталифи соҳаи кишоварзӣ мусоидат намоянд.

Олимони соҳаи кишоварзӣ, ҳамчунин, вазифадоранд, ки ҳамкориро бо вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, институтҳои Академияи илмҳо, муассисаҳои

таҳсилоти олии касбӣ, роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва бахши хусусӣ дуруст ба роҳ монда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо чораҷӯӣ намоянд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот ва ҷорӣ кардани таҷрибаҳои инноватсионӣ дар корхонаву ширкатҳои саноативу истеҳсолӣ муҳаррики асосии рушди илм мебошад.

Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки баъзе таҳқиқоти илмии олимони ихтироъкор, магистру аспирантҳо ва докторантҳо дар ҳамкорӣ бо субъектҳои хоҷагидор иҷро ва дар истеҳсолот амалӣ карда шаванд. Ба роҳ мондани чунин ҳамкорӣ ба таҳкими робитаи илму истеҳсолот мусоидат карда, натиҷаҳои хуб ба бор меоварад.

Дар кишвар олимоне, ки соҳиби патент мебошанд, хеле зиёданд.

Аммо онҳо танҳо рақамгузорӣ шуда, истеҳсолкунандагон ва ширкатҳои саноатӣ аз онҳо огоҳӣ надоранд ва ҷиҳати татбиқашон тадбире андешида намешавад. Бинобар ин, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки бо мақсади ҳамоҳангсозии илму истеҳсолот дар муддати се моҳ ба Роҳбари давлат ҷиҳати таъсиси сохтори нав дар Дастгоҳи иҷроияи Президент пешниҳод манзур намояд. Ҳамзамон бо ин, корхонаҳои истеҳсолиро зарур аст, ки бо мақсади боло бурдани самаранокии истеҳсолот ва замонавӣ сохтани раванди он технологияҳои илмталабро бештар татбиқ карда, ба ин васила имконияти ҳамкориҳоро бо муассисаҳои илмии кишвар васеъ намоянд.

Геология ва минералогия аз ҷумлаи илмҳоеанд, ки рушди онҳоро худи табиати Тоҷикистон тақозо мекунад ва дар ин самт барои таҳқиқот ва кашфиёту навоварӣ заминаи муосид вуҷуд дорад. Кишвари мо, ки 93 фоизи онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, яке аз пурасрортарин мавзеъҳои ҷуғрофии олам дониста мешавад. Аммо илми ин соҳаҳои мазкур дар мамлакати мо пеш нарафтааст ва дар онҳо камбудиҳои зиёд ба назар мерасанд.

Дар ин самт барои ҳимоя ду шӯрои диссертатсионӣ вуҷуд дорад, аммо оид ба ин соҳаҳо рисолаҳои илмӣ дифоъ нашудаанд. Соҳибкорони ватанӣ ҳар сол барои ба кишвар овардани сангҳои табиии ороишӣ беш аз 20 миллион доллар сарф мекунанд. Вале

геологҳои мо ягон пешниҳод ё лоиҳаи асосноки илмиро ҷиҳати истифода аз сангҳои табиии худамон ба Ҳукумат ё соҳибкорон пешниҳод накардаанд.

Аз ин рӯ, ба Саридораи геология ва Академияи илмҳо супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон ва ширкатҳои бонуфуз ҷиҳати ба роҳ мондани корҳои иктишофӣ, муайян кардани мавзеъи конҳои металу сангҳои қиматбаҳо, ороишӣ ё масолеҳи сохтмон, инчунин, коркарди онҳо чораҷӯӣ карда, доир ба ин масъала ҳар шаш моҳ ба Ҳукумат гузориш пешниҳод намоянд. Инчунин, зарур аст, ки бо дарназардошти тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряххо ба омӯзиши масъалаҳои обу экология ва таҳияи пешгӯиҳои асосноки илмӣ дар ин бахшҳо эътибори ниҳоят ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Бо мақсади ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ва беҳтар кардани сифати таҳқиқоти илмӣ дар ҳамаи институту марказҳои илмии академӣ зарур аст, ки ба масъалаҳои зерин диққати махсус дода шавад:

Якум. Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои соҳавӣ ва қисми илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки бо дарназардошти дурнамои рушди илми ватанӣ ва муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мавзуъҳои фармоиширо бори дигар таҷдиди назар карда, сохторҳои худро ба шароити муосир мутобиқ гардонанд.

Дуюм. Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ ва бахшҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тартиби муосири “маблағгузории барномавӣ”, “маблағгузории дархости давлатӣ” ва “маблағгузорӣ бо роҳи ҷалби сармояи хориҷӣ” - ро ҷорӣ намоянд.

Сеюм. Муассисаҳои таҳқиқотии ҳамаи сохторҳои илмӣ ҷиҳати дар истеҳсолот ҷорӣ шудани ихтирооти худ бо ниҳодҳои давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, соҳибкорон ва саноатчиён ҳамкориро ба роҳ монда, ба ин корхонаву ширкатҳо барои маблағгузорӣ кардан ҷиҳати амалӣ гардидани дархостҳои илмиашон пешниҳод манзур намоянд.

Чорум. Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таҷдиди сохтори Академияи илмҳои кишоварзӣ чораҷӯӣ карда, дар муддати як моҳ пешниҳодоти худро ба Роҳбари давлат манзур намояд.

Панҷум. Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, энергетика ва захираҳои об, корхонаҳои саноатӣ, сарфи назар аз шакли ташкиливу ҳуқуқӣ ва моликияташон, соҳибкорони истеҳсолӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастовардҳои олимони тоҷик чораҷӯӣ карда, аз натиҷаааш ҳар шаш моҳ ба Шӯрои илм, маориф ва инноватисияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намоянд.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳангоми арзёбии вазъи бахши воқеии иқтисоди миллӣ нишондиҳандаи аз тарафи истеҳсолкунандагони ватанӣ истифода гардидани дастовардҳои илмии олимони тоҷикро ҳамчун индекси дастовардҳои инноватсионии дар амалия истифодашуда таҳия ва ҷорӣ карда, аз натиҷаи он ҳамасола ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намояд.

Шашум. Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо маблағгузории Фонди президентии таҳқиқоти бунёдиро аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба андозаи 3 фоиз аз ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба соҳаи илм таъмин намоянд.

Академияи илмҳоро зарур аст, ки низоми маблағгузории мавзуъҳои илмиро таҷдиди назар карда, маблағҳоро ба ҳалли масъалаҳое равона намояд, ки барои иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат воқеан аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

Ҳафтум. Ба Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми миллӣ дода шуда, минбаъд он Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон номгузорӣ карда шавад.

Дар робита ба ин, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон вазифадор карда мешавад, ки дар мӯҳлати се моҳ сохтори худро пурра таҷдид карда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро вобаста ба мақоми миллӣ гирифтани Академияи илмҳо таҳия ва бо тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Ҳаштум. Ба Ҳукумати мамлакат ва Вазорати молия супориш дода мешавад, ки бо мақсади дастгирии олимон ва рушди илм баъди таҷдиди пурраи сохтори Академияи илмҳо дар хусуси то

охири соли ҷорӣ бознигарӣ кардани андозаи маоши вазифавии кормандони Академияи миллии илмҳо чораҷӯӣ кунанд.

Нуҳум. Бо мақсади баррасии доимии вазъи воқеии илму маориф, ҷараёни иҷро ва мониторинги барномаҳои соҳавӣ ва татбиқи навовариҳои илми ватанӣ дар амалия пешниҳод мегардад, ки дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои илм, маориф ва инноватсия таъсис дода шавад. Шӯро бояд дар як сол на кам аз ду маротиба даъват гардида, дар он масъалаҳои мубрами соҳаи илму маориф мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Даҳум. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисону коршиносон комиссияи босалоҳият таъсис дода, фаъолияти панҷ соли охири тамоми пажӯҳишгоҳҳо ва марказҳои илмиро санҷида, аз натиҷааш ба Роҳбари давлат гузориш пешниҳод намояд.

Дастгоҳи иҷроияи Президент, инчунин, комиссияи махсус таъсис дода, вазъи кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва шуъбаҳои институтҳои илмии соҳаҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро омӯхта, устодону кормандони онҳоро аз аттестатсия гузаронад ва аз натиҷааш ба Президенти кишвар гузориш диҳад.

Ба Дастгоҳи иҷроияи Президент супориш дода мешавад, ки аз ҳисоби кормандони Дастгоҳи иҷроия, вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ гурӯҳи муштарак таъсис дода, вазъи кабинетҳои фаннии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, озмоишгоҳҳо ва марказҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои академияҳоро дар муддати чор моҳ омӯхта, ба Президенти мамлакат маълумоти муфассал пешниҳод намояд.

Ёздаҳум. Ҳукумати мамлакат барои олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ ва дақиқу риёзӣ мукофоти махсуси давлатӣ таъсис диҳад ва ҳар сол 15 нафар бо ин мукофот сарфароз гардонида шавад.

Дувоздаҳум. Роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли

2006 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» муаллимон ва омӯзгорони ҷавонеро, ки шогирдонашон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷойҳои сазоворро ишғол менамоянд, инчунин, дастовардҳои илмиву педагогӣ доранд, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирии ҳаматарафа ва ҳавасманд гардонанд.

Сездаҳум. Хонандагоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо стипендияи Президентӣ хатм мекунанд, ба ихтисосҳои табиӣ, дақиқ ва риёзии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бе супоридани имтиҳон дар Маркази миллии тестӣ қабул карда шаванд.

Чордаҳум. Кумитаи телевизион ва радио вазифадор карда мешавад, ки дар муддати шаш моҳ шабакаи нави телевизиониро бо номи «Илм ва табиат» таъсис диҳад ва дар ин шабака ва шабакаи «Баҳористон» таълими фанҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ, техникӣ ва технологиро ба роҳ монда, бо ин мақсад омӯзгорони ботаҷриба ва донишмандони соҳаро ҷалб намояд ва дар барномаҳои ҳаррӯзаи ин шабакаҳо дастовардҳои илми ватанию ҷаҳонӣ ва ихтироoти инноватсиониро муаррифӣ созад.

**Донишмандони гиромӣ!**

Мо бо мақсади сари вақт ҳимоя кардани рисолаҳои номзадиву докторӣ ва гирифтани дараҷаву унвонҳои илмӣ соли 2014 дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи олии атестатсиониро таъсис додем.

Аз замони таъсиси Комиссия то ба имрӯз дар кишвар 56 шӯрои диссертатсионӣ ва 15 шӯрои экспертӣ таъсис ёфтааст. Дар муддати се сол ба ин муассиса 651 рисола ворид шудааст. Аз ин шумора 415 рисолаи илмӣ тасдиқ ва 30 нафар соҳиби дараҷаи илмии доктори илм, 379 нафар соҳиби дараҷаи илмии номзади илм гардидаанд.

Бо вуҷуди ин, шумораи рисолаҳои илмии ҳимояшуда дар муқоиса бо кишварҳои пасошӯравӣ хеле кам буда, ҳоло ҳам дар муассисаҳои таълимиву илмӣ норасоии мутахассисони дараҷа ва унвонҳои илмидошта баръало эҳсос мегардад.

Дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ низ вазъият нигаронкунанда аст.

То имрӯз дар самти илмҳои гуманитарӣ 385 рисола ҳимоя шуда, дар соҳаҳои техникӣ, табиӣ ва риёзӣ 160 рисола дифоъ шудааст. Яъне рисолаҳои доир ба илмҳои гуманитарӣ ҳимояшуда нисбат ба самтҳои техникӣ ва табиатшиносиву риёзӣ беш аз дуюним баробар зиёд мебошанд. Ғайр аз ин, то ба ҳол доир ба соҳаҳои бисёр муҳим, аз қабили мудофиа, генетика, экология, заҳршиносӣ, силшиносӣ, физикаи электронӣ, динамика, электроникаи нерӯӣ, геохимия, манбаъҳои барқароршавандаи энергия шӯроҳои диссертатсионӣ таъсис наёфтаанд ва мутахассисони ин соҳаҳо дар кишвар ниҳоят кам мебошанд.

Ин нобаробарӣ ва номутаносибӣ ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки дар ин самт камбудиҳо зиёд буда, сохторҳои дахлдори давлатӣ ва муассисаҳои илмиву таълимӣ сари ин мушкилот ҷиддӣ андеша накардаанд. Дар баробари ин, сатҳу сифати баъзе рисолаҳои ҳимояшуда ниҳоят паст буда, ба талаботи низомномаҳои тасдиқкардаи Ҳукумат ҷавобгӯ нест. Ҳамин боис шудааст, ки дар муддати се соли охир чандин рисолаҳои доктэриву номзадӣ қабул нашуда, қисми дигар бароиислоҳи камбудиҳо баргардонида шудаанд.

Гузашта аз ин, солҳои охир шахсоне, ки дар соҳаҳои ғайриилмӣ фаъолият карда, дар вазифаҳои масъул роҳбар мебошанд, аз рӯйи ихтисосҳои аз самти фаъолияташон дур рисолаҳои илмӣ таълиф карда, бе навбат ҳимоя мекунанд ва соҳиби дараҷаҳои илмӣ мегарданд.

Вобаста ба ин, дастур медиҳам, ки чунин шахсон аввал ариза навишта, аз вазифаҳояшон озод карда шаванд, сипас ба корҳои илмӣ машғул шуда, рисолаҳояшонро дар доираи талаботи мавҷуда ҳимоя намоянд.

Минбаъд аъзои Ҳукумат, муовинони онҳо, вакилони мардумӣ, дигар шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ баъди дар асоси хулосаи муассисаи илмӣ навиштани ариза ба унвони Роҳбари давлат ба навиштани рисолаи илмӣ ва ҳимоя иҷозат дода мешаванд.

Агар шахсони мансабдор хоҳиши иштирок дар озмунҳои дарёфти унвонҳои узви вобаста ва узви пайвастаи академияҳоро дошта бошанд, аввал ариза навишта, аз вазифа озод мегарданд, ба

муассисаҳои академӣ ё таълимӣ ба кор медароянд, баъдан барои иштирок дар чунин озмунҳо ҳуқуқ пайдо мекунанд.

Рушди забони илмии тоҷикӣ дигар масъалаи муҳиммест, ки Академияи илмҳо ва Комиссияи олии аттестатсионӣ бояд ба он таваҷҷуҳ намоянд. Дар баробари бо забонҳои хориҷӣ навиштани рисолаҳо мо бояд ба рисолаҳое, ки бо забони тоҷикӣ, яъне бо забони давлатӣ таълиф мешаванд, афзалият диҳем.

Илова бар ин, таъкид бояд кард, ки дар рисолаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳолатҳои асардуздӣ (сирқат) ба мушоҳида мерасанд. Сабаби чунин муносибат, пеш аз ҳама, камҳавсалагии роҳбари илмӣ, фориғболии унвонҷӯ ва рӯякӣ таълиф гардидани рисола мебошад.

Имрӯз, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ рисолаҳои зиёд интишор мешаванд, баъзе унвонҷӯён аз онҳо рӯйбардор карда, бо роҳи осон мехоҳанд соҳиби дараҷаҳои илмӣ гарданд. Дар натиҷа ҳам сифати илми ватанӣ коҳиш меёбад, ҳам обрӯву эътибори унвонҷӯ ва роҳбараш дар миёни ниҳодҳои илмӣ паст мегардад. Ин “бемории” замони технологияҳои муосир буда, ба зеҳни олимони ҷавон ва роҳбарони онҳо сироят карда истодааст.

Зиёда аз 40 нафар олимоне, ки дар пойгоҳи “Диссернет” ба асардуздӣ муттаҳам шудаанд, онҳое мебошанд, ки рисолаҳои илмии худро дар шӯроҳои диссертатсионии марбут ба ихтисосҳои иқтисодӣ ва ҷомеашиносӣ, аз ҷумла сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва педагогика дифоъ кардаанд. Маълум мешавад, ки баъзе унвонҷӯёни тоҷик роҳи осон ва камзаҳмати илмро пеш гирифта, аз рисолаҳои илмии олимони кишварҳои хориҷӣ васеъ истифода кардаанд.

Яъне ҷавонони мо ба таҳқиқи илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ кам таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, зеро дар доираи илмҳои зикршуда омода кардани рисолаҳои илмӣ заҳмати ҷиддиву мунтазам, ҷустуҷӯҳои илмӣ, инчунин, корҳои озмоишӣ ва дониши мукаммалу бунёдиро талаб мекунад. Маҳз бо чунин сабаб муҳаққиқони ҷавони мо худро аз таҳқиқи илмҳои бунёдӣ канор мегиранд ва ин аст, ки солҳои охир мо ягон кашфиёти илмии бунёдӣ, ки ҷавобгӯи талаботи ҷоизаҳои сатҳи ҷаҳонӣ бошад, пешниҳод накардаем.

Бо мақсади пешгирӣ кардан аз ҳолатҳои асардуздӣ (сирқат) дар раёсатҳои Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва Маркази миллии патент ва иттилоот харидорӣ ва насб кардани серверҳои пуриқтидор бо сабт ва нигоҳдошти рисолаҳои қаблан дифоъшуда ва мавзӯъҳои илмии таҳқиқшудаистода, инчунин, ташкил намудани шабакаи махсус дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Як сабаби ба мутолиаи осори илмиву адабӣ ҳидоят кардани Роҳбари давлат низ ҳамин масъалаи доғи ҷомеа мебошад.

Ба олимони ҷавон муроҷиат карда, онҳоро даъват менамоям, ки ҳар як сарчашмаро шахсан мутолиа кунанд, бо тарзи таҳқиқи олимони дигар шинос шаванд ва баъдан хулосаҳои илмии худро дар рисолаҳояшон ҷамъбаст намоянд.

Бо дарназардошти ин, ба Комиссияи олии аттестатсионӣ, Академияи миллии илмҳо, Вазорати маориф ва илм, академияҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ супориш дода мешавад, ки норасоиҳои зикршударо ҳарчи зудтар бартараф карда, фаъолияти шӯроҳои диссертатсиониро мунтазам мавриди омӯзишу таҳлил қарор диҳанд ва аз натиҷааш ҳар шаш моҳ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат маълумоти хаттӣ ирсол намоянд.

**Донишмандони муҳтарам ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба ҳамаи шумо муроҷиат карда, таъкид месозам, ки азбаски шумо дорои донишу сатҳи баланди зеҳнӣ ва татбиққунандаи сиёсати давлат дар ин самт ҳастед, бо дарназардошти гуфтаҳои боло бояд дар таълими насли наврас ва тарбияи кадрҳо саҳми арзанда дошта бошед.

Ҳамчунин, назару пешниҳодҳои худро доир ба масъалаҳои муҳимми рӯз, яъне беҳтар намудани омӯзиши ин фанҳо, тайёр кардани мутахассисон ва ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба корҳои илмиву таҳқиқотӣ дар самти илмҳои мазкур ба Вазорати маориф ва илм ирсол намоед, то дар асоси дархосту андешаҳои шумо санади такмилёфта омода гардад ва Ҳукумат барои татбиқи он тадбирҳои зарурӣ андешад.

Бо ин мақсад, зарур дониста мешавад, ки илова ба сомонаи Президенти мамлакат дар назди Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо ва академияҳои соҳавӣ сомонаҳои алоҳида таъсис дода, ҳар як пешниҳоди воридшуда омӯхта, санади зикршуда дар асоси андешаҳои мутахассисон омода ва ба Ҳукумати мамлакат барои баррасӣ манзур карда шавад.

Дар баробари ин, ба вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо ва Академияи таҳсилот супориш дода мешавад, ки дар муддати шаш моҳ "Стратегияи миллии рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2030" ва "Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳоро барои солҳои 2021-2025 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия карда, ба Ҳукумат пешниҳод намоянд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, рушди илм дар ҳамбастагӣ бо се омил таъмин мегардад: аввалан, бо қадр кардани истеъдоди фитрӣ, сониян, бо муҳайё намудани рақобати солим ва озоди илмӣ ва сеюм, бо мавҷуд будани принсипҳои масъулиятшиносиву поквиҷдонӣ дар фаъолияти илмӣ.

Ғайр аз ин, зарар ва офати илм низ се манбаи субъективӣ дорад: якум, эътироф нашудани истеъдоди асил, дуюм, худбоварии мутлақ ва нашинохтани иштибоҳи худ ва сеюм, ворид шудани ғараз дар илм ва муносибатҳои илмӣ.

Ба ибораи дигар, рақобати озод, танқиди беғаразона ва бо муҳаббат ба кори эҷодӣ машғул шудан ҷавҳари илми асил мебошад. Ҳамчунин, андеша ва афкори мо бояд аз танқид натарсад.

Мо бовар дорем, ки олимону зиёиёни эҷодкор ва аҳли маорифу фарҳанг ба Ватану давлати хеш садоқати бепоён доранд, дар ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, рамзҳои давлатӣ ва муқаддасоти миллӣ талош менамоянд, ба арзишҳои бузурги миллӣ ва умумиинсонӣ арҷ мегузоранд, хотираи таърихии халқро пос медоранд, ки ин ҳама бузургтарин сифатҳои зиёии асил мебошад.

Мо бояд ба тақдири халқу давлат, гузаштаву имрӯза ваояндаи пурифтихори Тоҷикистони маҳбуб бетараф набошем.

Бетарафӣ худ нишонаи марг аст.

Аз ин рӯ, мо бояд ҳамеша зираку ҳушёр бошем, асолати давлатдории миллиро ҳифз намоем, амнияти давлат ва ҷомеа, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро ҳамчун пояи устувории давлати озоду соҳибихтиёрамон эҳтиёт ва ҳифз кунем.

Фаромӯш набояд кард, ки як сабаби сар задани ҷанги шаҳрвандӣ худро бетараф эълон кардани зиёиён буд. Бо ин сабаб дидед, ки халқи тоҷик чӣ сахтиҳоро аз сар гузаронид.

Ба назари мо, воқеаҳои гузашта барои ҳар як шахси огоҳу солимфикр сабақи зиндагӣ ва мактаби худшиносиву худогоҳӣ мебошанд.

Аз ин рӯ, биёед, Ватану давлатамон ва халқи азизамонро сидқан дӯст дорем, нисбат ба тақдири Тоҷикистони маҳбубамон бетарафу бетафовут набошем, ба қадри бузургонаш расем, наврасону ҷавононро тарбия намоем ва робитаи наслҳову замонҳоро устувор карда, ба сӯйи рушди кишвар қадамҳои ҷиддӣ гузорем ва ин замину диёри биҳиштосоро ободу пешрафта гардонем.

Дар фарҷоми мулоқот мехоҳам бори дигар хотирнишон намоям, ки вазъи маънавӣ ва фикрии ҷомеаи имрӯза ислоҳоти ҷиддиро тақозо мекунад ва мо бо эътимоди комил ба қудрати созандаи зиёиён ва олимону донишмандони мамлакат умедворем, ки онҳо ин камбудиҳоро сари вақт ислоҳ намуда, дар рушди илму маориф ва фарҳанги миллӣ саҳмгузор мешаванд ва бо дастовардҳои шоистаи худ Ватани азизамонро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамоянд.

Дар ин ҷода ба олимон ва зиёиёни кишвар барори кор хоста, бовар дорам, ки шумо дар оянда низ бо масъулияти баланди шаҳрвандӣ дар роҳи рушди илму маориф қадамҳои устувор гузошта, нерӯи худро ба пешрафти боз ҳам бештари ин соҳаҳо равона месозед.

Итминон дорам, ки бо осору таҳқиқоти илмӣ ва мавқеи ватандӯстонаи худ аз илми ватанӣ дифоъ мекунед ва дар адои ин рисолати шаҳрвандӣ талоши бештар менамоед.

**Бори дигар тамоми ҳамватанони азиз ва ҳамаи шумо - олимону кормандони соҳаи илму маориф, зиёиёни эҷодкор, адибон ва аҳли фарҳангу ҳунарро ба ифтихори ҷашни Наврӯз табрик гуфта, бароятон барори кор ва комёбиҳо орзу менамоям.**

**Саодатманду сарбаланд бошед!**

# ҲИСОБОТИ
## КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2019

Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд – Комиссия) аз нахустин рӯзҳои фаъолияти худ бо истифода аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ фаъолияти худро тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015, № 1197 «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, № 531 «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013, № 1004 «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010, № 593 «Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ», фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) аз 26 ноябри соли 2016, №505, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастуру супоришҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нақшаи фаъолияти Комиссия, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба роҳ монда, дар соли 2019 дар самти аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ корҳои зеринро иҷро намудааст.

**Таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ.** Аз ибтидои фаъолияти Комиссия то 31 декабри соли 2019 барои таъсис додани шӯроҳои диссертатсионӣ (минбаъд – ШД) аз муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба Комиссия 152 дархост ворид гардидааст, ки аз онҳо 56 дархост қонеъ ва 92 дархост бо сабаби ба талабот ҷавобгӯ набудан рад карда шуда, 6 дархости дигар дар раванди омӯзиши

шуъбаҳои аттестатсионӣ қарор доранд. Ҳоло аз 56 шӯрои диссертатсионии таъсисдодашуда 54 шӯро фаъолият дошта, аз рӯйи 170 ихтисос диссертатсияҳои номзадӣ ва доктариро ба ҳимоя қабул карда истодаанд. Бо сабаби роҳ додан ба камбудиҳои ҷиддӣ ва дағалона вайрон кардани талаботи баъзе бандҳои Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ фаъолияти 2 шӯрои назди ДМТ (шӯрои 6D.KOA-006 аз рӯйи ихтисоси 6D060400 – Физика ва шӯрои 6D.KOA-008 аз рӯйи ихтисосҳои 6D070600 – Геология ва ҷустуҷӯи ККФ, 6D075500 – Гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ, 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат) ба пурргӣ қатъ ва фаъолияти 4 шӯро (ШД 6D.KOA-007 назди Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АИ ҶТ аз рӯйи ихтисосҳои 6D071000 – Маводшиносӣ ва технологияи маводи нав, 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ, ШД 6D.KOA-012 назди ДМТ аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, ШД 6D.KOA-013 назди ДМТ аз рӯйи ихтисосҳои 6D060200 – Информатика ва 6D070500 – Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ ва инчунин ШД 6D.KOA-018 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ аз рӯйи ихтисосҳои 6D050200 – Сиёсатшиносӣ ва 6D050100 – Сотсиология) боз дошта шудааст.

Аз 19 дархост оид ба тамдиди фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии муҳлаташон ба поёнрасида, бо дастгирии шӯроҳои экспертии соҳавӣ ва қарори Раёсати Комиссия барои 5 соли минбаъда ба 15 ШД аз нав иҷозати фаъолият кардан дода шуда, 4 дархост дар омӯзиши Комиссия қарор дорад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ аз ибтидо то 31.12.2019**

| **Шӯроҳои диссертатсионӣ** | **Комиссия** | | **Шуъбаҳои аттестатсионӣ (таъсис)** | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Таъсис** | **Тамдид** | Табиӣ-риёзӣ ва техникӣ | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ | Тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Дархост ворид шуд | **152** | **19** | 27 | 91 | 33 |
| Амал мекунанд | **54** | **15** | 14 | 29 | 11 |
| Рад карда шуд | **92** | **0** | 13 | 56 | 21 |
| Дар баррасӣ | **6** | **4** | 0 | 6 | 1 |

Инчунин, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ барои ҳимояи он диссертатсияҳое, ки аз рӯйи ихтисосҳои онҳо дар ҷумҳурӣ шӯроҳои диссертатсионӣ таъсис дода нашудаанд, барои дар заминаи ин ё он шӯрои диссертатсионии амалкунанда ташкил намудани ҳимояҳои якдафъаина 41 дархост пешниҳод намуданд. Шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия дархостҳои муассисаҳоро оид ба ташкили ҳимояҳои якдафъаина дақиқан омӯхта, таҳлил намуда, 38 дархостро қонеъ гардониданд, ки онҳо ба ихтисосҳои Сохтмон, Гидрология, Физика, Биофизика, Тиб, Биология, Таҳлили системавӣ ва ғайра тааллуқ доранд.

Асоси таъсиси шӯрои диссертатсиониро аввалан ниёзмандии ҷумҳурӣ ба кадрҳои баландихтисос ва мавҷуд будани захираи кофии илмӣ, яъне шумораи зарурии докторҳои илм аз рӯйи ихтисосҳои дархостшуда ташкил мекунад. ШД дар ҳамон мавриде таъсис дода мешавад, ки он ба талаботу меъёрҳои Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ ҷавобгӯ бошад.

Ҳангоми ворид шудани дархост доир ба таъсис додани ШД дар назди ин ё он муассиса, ки захираи кофии кадрӣ дар ихтиёр дошта, дорои пойгоҳи пурқуввати моддӣ-техникӣ мебошад, шуъбаи дахлдор тамоми шароитро пурра омӯхта, камбудиҳои дар ҳуҷҷатҳо ҷойдоштаро бартараф намуда, дархостро ба шӯрои экспертии (минбаъд – ШЭ) самти дахлдори илм ирсол менамояд. Баъди дарёфти хулосаи мусбати ШЭ масъалаи таъсиси ШД ба ҷаласаи Раёсати КОА бароварда шуда, мавриди муҳокима қарор мегирад. Дар сурати дастгирӣ ёфтани дархост аз ҷониби Раёсат таъсиси ШД бо протоколи Раёсат тасдиқ гардида, дар ин бора фармоиши раиси Комиссия содир мегардад ва фармоиш дар сомонаи Комиссия ҷой дода мешавад. Дар сурати ба талаботу меъёрҳои муқарраргардида

ҷавобгӯ набудан дархости мазкур аз тарафи шуъбаи дахлдор баргардонида мешавад.

Танҳо дар соли 2019 барои таъсиси ШД аз муассисаҳо ба Комиссия 17 дархост ворид гардида, 7 дархост қонеъ, 4 дархост рад ва 6 дархост дар баррасии шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия ва ШЭ қарор дорад (ҷадвали 3). Шӯроҳои дар ин самт таъсисшуда инҳоянд:

1. 6D.KOA-050 – ШД дар назди ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси 6D080600 - Техника ва технологияи аграрӣ.
2. 6D.KOA-051 – ШД дар назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисосҳои 6D050600 – Иқтисодиёт, 6D050900 – Молия, 6D052000 – Бизнес-мудирияти соҳибкорӣ.
3. 6D.KOA-052 – ШД дар назди ДМТ аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология.
4. 6D.KOA-053 – ШД дар назди ДМТ аз рӯйи ихтисосҳои 6D075500 – Гидрогеология ва геологияи инженерӣ ва 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат.
5. 6D.KOA-054 – ШД дар назди Институти ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисосҳои 6D120100 – Тибби байторӣ ва 6D060700 – Биология.
6. 6D.KOA-055 – ШД дар назди ДМТ аз рӯйи ихтисосҳои 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит, 6D051200 – Омор.
7. 6D.KOA-056 – ШД дар назди Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ аз рӯйи ихтисоси 6D110100 – Тиб.

Ҷараёни воридшавии дархостҳои муассисаҳо дар мавриди таъсисдиҳии ШД аз он гувоҳӣ медиҳад, ки раванди созмондиҳии шабакаи онҳо дар ҷумҳурӣ, тақрибан дар марҳилаи хотимаёбӣ қарор дорад. Гуфтан мумкин аст, ки муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар дар ин самт тамоми иқтидору имконоти мавҷудаи илмии худро сарф намудаанд. Айни ҳол, Комиссия фаъолияти худро, асосан барои такмил додани коргузорӣ, дақиқан риоя гардидани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти аттестатсияи кормандони илмии тахассуси олӣ, боло бурдани

сифати диссертатсияҳои ҳимояшаванда ва арзёбии аҳамияти онҳо барои рушду ривоҷи иқтисодиёти кишвар равона намудааст.

**Таъсиси шӯроҳои экспертӣ.** Дар самти илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ то имрӯз 5 ШЭ таъсис дода шудааст. Айни ҳол ШЭ самти илмҳои Химия, технологияҳои химиявӣ ва металлургия, Техникӣ ва технология, Математика, механика ва информатика фаъол мебошанд. Ин шӯроҳо ба ғайр аз ҷаласаҳои алоҳида, боз ҷаласаҳои умумӣ гузаронида, то имрӯз 110 диссертатсияро барои додани дараҷаҳои илмӣ ба баррасии Раёсати Комиссия пешниҳод кардаанд.

Дар самти илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ бошад, то имрӯз 3 ШЭ таъсис дода шудааст:

- Тиббӣ, тандурустӣ ва фарматсия;
- Биология ва экология;
- Кишоварзӣ ва байторӣ;

Дар ҷаласаҳои ШЭ самти илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ 75 диссертатсия баррасӣ гардидааст. ШЭ самти мазкур ба ғайр аз масъалаҳои додани дараҷаву унвонҳои илмӣ, инчунин мактубҳои баҳсталаб оид ба таъсиси ШД, лоиҳаи феҳристи ихтисосҳои илмӣ барои додани дараҷаи илмӣ, арзёбии маҷаллаҳои тақризшаванда, додани иҷозат барои ташкили шӯроҳои ҳимояи якдафъаина баррасӣ намудаанд ва барои тасдиқ ба Раёсати Комиссия пешниҳод гардидаанд. То имрӯз, асосан шӯрои экспертии самти илмҳои Тиббӣ, тандурустӣ ва фарматсия бештар фаъол мебошад.

Дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бошад, то имрӯз 7 ШЭ таъсис дода шуда, дар онҳо 189 диссертатсия баррасӣ ва арзёбӣ шудааст. ШЭ самтҳои илмҳои – Таҳсилот, Ҳуқуқшиносӣ, Таърих, мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ, Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ, Забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва тарҷумонӣ, Фалсафа, сотсиология ва сиёсатшиносӣ ва самти Санъат ва варзиш хеле хуб фаъолият карда истодаанд. Масъалаи таъсиси ШЭ дар самти илмҳои Ҳарбӣ ва амниятӣ бинобар сабаби дар ҷумҳурӣ набудани докторону номзадҳои илм дар ин соҳаҳо алҳол ғайриимкон мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки шӯроҳои экспертии назди Комиссия дар экспертиза ва баҳодиҳии диссертатсияҳо хеле серталаб ва ҷиддӣ мебошанд. Ин аст, ки то имрӯз 25 диссертатсия аз экспертиза

нагузашт ва дархости шӯроҳои диссертатсионии дахлдор оид ба додани дараҷаҳои илмӣ аз тарафи Раёсати Комиссия рад карда шуд.

Тибқи Низомномаи Комиссия бояд тамоми фаъолияти ШД ва ШЭ аз ҷониби Комиссия маблағгузорӣ карда шавад, аммо бинобар ба ин мақсад аз буҷети давлатӣ ҷудо нашудани маблағ, ин иқдом амалӣ намегардад. Дар доираи имконияти молиявии Комиссия ба котибони илмии шӯроҳои экспертӣ барои ҳар як ҷаласа ва ба ҳар як эксперт барои экспертизаи диссертатсияҳо (докторӣ – 350 сомонӣ ва номзадӣ – 250 сомонӣ) маблағ пардохт карда мешавад.

**Ҳимояи диссертатсияҳо, дарёфти унвонҳои илмӣ, баробарарзишии ҳуҷҷатҳо.** Натиҷаҳои фаъолияти шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия, шӯроҳои диссертатсионӣ, шӯроҳои экспертӣ ва Раёсати Комиссия дар самтҳои ҳимояи диссертатсияҳо, дарёфти унвонҳои илмӣ, баробарарзишии (нострификатсияи) дипломҳо ва шаҳодатномаҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда ва аттестатсияи такрории соҳибони онҳо дар шакли ҷадвал пешниҳод гардидаанд.

Тавре, ки аз ҷадвали 2 дида мешавад, то кунун аз теъдоди диссертатсияҳои дар шӯроҳои диссертатсионии кишвар ҳимояшуда ба Комиссия 587 парвандаи аттестатсионӣ ворид гардидааст. Пас аз омӯзиши парвандаҳои мазкур дар шуъбаҳои аттестатсионӣ ва арзёбии онҳо аз тарафи шӯроҳои экспертии назди Комиссия, дар Раёсати Комиссия 374 парвандаи аттестатсионӣ тасдиқ гардида, 25 парванда рад карда шудааст.

Аз 374 парвандаи аттестатсионии тасдиқгардида 29 парванда ба довталабони дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 340 парванда ба довталабони дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 5 парвандаи аттестатсионӣ ба довталабони дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос тааллуқ доранд. Ҳимояи диссертатсияҳои аввалини вобаста ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз он дарак медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ раванди ҳимояи диссертатсияҳои мутахассисони типи нав дар соҳаҳои гуногуни илм ба пуррагӣ оғоз гардидааст ва минбаъд шумораи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) рӯ ба афзоиш ниҳода, шумораи диссертатсияҳо

барои дарёфти дараҷаҳои илмии анъанавии доктори илм ва номзади илм, баръакс, коҳиш меёбад.

**Ҷадвали 2. – Таҳлили омории фаъолияти КОА аз ибтидо то 31.12.19**

| Самт | Комиссия дар умум | | | | Шуъбаҳои аттестатсионӣ | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Табиӣ-риёзӣ ва техникӣ | | | | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ | | | | Тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ | | | |
| **Диссертатсияхои ҳимояшуда** | **Ҳамагӣ** | **PhD** | **Докторӣ** | **Номзадӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Тасдиқ шуд | 374 | 5 | 29 | 340 | 110 | 0 | 8 | 102 | 189 | 4 | 15 | 170 | 75 | 1 | 6 | 68 |
| Рад карда шуд | 25 | 0 | 2 | 23 | 9 | 0 | 1 | 8 | 14 | 0 | 1 | 13 | 2 | 0 | 0 | 2 |
| Дар омӯзиш аст | 188 | 6 | 6 | 176 | 34 | 2 | 1 | 31 | 131 | 4 | 3 | 124 | 23 | 0 | 2 | 21 |
| **Ворид шуд** | 587 | 11 | 37 | 539 | 153 | 2 | 10 | 141 | 334 | 8 | 19 | 307 | 100 | 1 | 8 | 91 |
| Коркарди иловагӣ | 22 | 0 | 0 | 22 | 10 | 0 | 0 | 10 | 3 | 0 | 0 | 3 | 9 | 0 | 0 | 9 |
| **Унвони илмӣ** | **Ҳамагӣ** | | **Профессор** | **Дотсент** | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент |
| Тасдиқ шуд | 274 | | 30 | 244 | 77 | | 7 | 70 | 165 | | 18 | 147 | 32 | | 5 | 27 |
| Рад карда шуд | 32 | | 7 | 25 | 4 | | 1 | 3 | 23 | | 6 | 17 | 5 | | 0 | 5 |
| Дар омӯзиш аст | 47 | | 6 | 41 | 2 | | 1 | 1 | 42 | | 4 | 38 | 3 | | 1 | 2 |
| **Дархост** | 353 | | 43 | 310 | 83 | | 9 | 74 | 230 | | 28 | 202 | 40 | | 6 | 34 |
| Коркарди иловагӣ | 0 | | 0 | 0 | 68 | | 3 | 65 | 0 | | 0 | 0 | 1 | | 0 | 1 |
| **Баробарарзишӣ** | **Ҳамагӣ** | **PhD** | **Докторӣ** | **Номзадӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Тасдиқ шуд | 37 | 5 | 9 | 23 | 21 | 1 | 5 | 15 | 13 | 4 | 3 | 6 | 3 | 0 | 1 | 2 |
| Рад карда шуд | 2 | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 2 | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дар омӯзиш | 2 | 0 | 0 | 2 | 1 | 0 | 0 | 1 | 1 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 |

| | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| аст | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Дархост** | 41 | 6 | 10 | 25 | 22 | 1 | 5 | 16 | 16 | 5 | 4 | 7 | 3 | 0 | 1 | 2 |
| Коркарди иловагӣ | 15 | 0 | 0 | 0 | 15 | 0 | 0 | 15 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Аттестатсияи такрорӣ** | **Ҳамагӣ** | **PhD** | **Докторӣ** | **Номзадӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Тасдиқ шуд | 4 | 1 | 0 | 3 | 4 | 1 | 0 | 3 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Рад карда шуд | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дар омӯзиш аст | 1 | 0 | 0 | 1 | 1 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Дархост** | 5 | 1 | 0 | 4 | 5 | 1 | 0 | 4 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Коркарди иловагӣ | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |

Аз теъдоди умумии диссертатсияҳои ба Комиссия воридшуда 188 диссертатсия дар омӯзиши экспертони шуъбаҳо ва шӯроҳои экспертӣ қарор доранд. Нишондиҳандаҳои аттестатсионӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар самти илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ ҳимояи диссертатсияҳоро ҷоннок кардан лозим аст.

Дар ҳолати то 31 декабри соли 2019 дар ШД ватанӣ 5 нафар шаҳрвандони хориҷӣ (дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ - 2 нафар ва илмҳои табиӣ, риёзӣ ва техникӣ - 3 нафар, 5 нафар хизматчиёни давлатии сатҳҳои гуногун (вазир, ҷонишини вазир ва ғайра), 47 нафар кормандони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва 102 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ диссертатсия ҳимоя намудаанд.

Вобаста ба дарёфти унвонҳои илмӣ бошад, аз ибтидо то имрӯз ба Комиссия аз тарафи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 353 дархост, аз ҷумла 43 дархост барои дарёфти унвони илмии профессор ворид шудааст, ки аз онҳо 274 дархост қонеъ, 32 дархост рад ва 47 дархост дар ҳолати омӯзиш қарор дорад. Бояд қайд намуд, ки гарчанде дар ин самт натиҷаҳои муассисаҳо чандон назаррас набошанд ҳам, вале сифати пешниҳодҳо ва натиҷаҳои илмиву методии довталабон зина ба зина беҳтар шуда истодааст. Умуман, бастаи ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба Комиссия воридшаванда, тадриҷан ба як низоми муайян ворид мешавад.

Айнан ҳамин тавр, дар самти баробарарзишии (нострификатсияи) дипломҳо ва шаҳодатномаҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда ва аттестатсияи такрории соҳибони онҳо низ корҳо ба як низоми муайян даромада истодааст. То кунун барои нострификатсияи ҳуҷҷатҳо ба Комиссия 41 дархост ворид гардида, 37 дархост, ки мутобиқи талабот мураттаб гардидааст, тасдиқ, 2 дархост рад ва 2 дархост дар омӯзиш қарор дорад.

Барои аз аттестатсияи такрорӣ гузаронидани соҳибони дипломҳои дараҷаҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо дар хусуси эътирофи баробарарзишии ин гуна ҳуҷҷатҳо созишнома ба имзо нарасонидааст, ба шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникии Комиссия ҳамагӣ 5 дархост (PhD) ворид гардидааст. Аз ин миқдор 4 дархост тасдиқ ва 1 дархост дар омӯзиш қарор дорад.

Аз тарафи шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия зиёда аз 160 шиносномаи ихтисосҳои илмӣ таҳия шуда, бо қарори Раёсати Комиссия тасдиқ карда шудаанд, ки барои фаъолияти пурмаҳсули ШД мусоидат хоҳанд намуд.

Дар ҷадвали 3 фаъолияти Комиссия танҳо дар соли ҳисоботии 2019 инъикос ёфтааст. Тавре дида мешавад, дар ин давра аз теъдоди диссертатсияҳои ҳимояшуда ба Комиссия 416 парвандаи аттестатсионӣ ворид гардида, 219 парванда тасдиқ ва 15 парванда рад карда шудааст. Аз 219 парвандаи тасдиқгардида 12 парванда ба довталабони дараҷаи илмии доктори илм, 202 парванда ба номзади илм ва 5 парвандаи аттестатсионӣ ба довталабони доктори фалсафа (PhD) тааллуқ доранд.

**Ҷадвали 3. – Таҳлили омории фаъолияти КОА дар соли 2019**

<table>
<tr><th colspan="9">Таҳлили омории фаъолияти КОА аз 01.01.2019 то 31.12.2019</th></tr>
<tr><th rowspan="3">Шӯрои диссертат-сионӣ</th><th rowspan="3">Комиссия</th><th rowspan="3">Тамдиди ШД</th><th colspan="6">Шуъбаҳои аттестатсионӣ</th></tr>
<tr><td colspan="2">Табиӣ-риёзӣ ва техникӣ</td><td colspan="2">Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ</td><td colspan="2">Тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ</td></tr>
<tr><td>Таъсис</td><td>Тамдид</td><td>Таъсис</td><td>Тамдид</td><td>Таъсис</td><td>Тамдид</td></tr>
</table>

| | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Амал мекунад | 7 | | 15 | | 2 | | 3 | | 3 | | 9 | | 2 | | 3 | |
| Рад карда шуд | 4 | | 0 | | 0 | | 0 | | 0 | | 0 | | 4 | | 0 | |
| Дар баррасӣ | 6 | | 4 | | 0 | | 2 | | 4 | | 1 | | 2 | | 1 | |
| **Дархост** | **17** | | **19** | | **2** | | **5** | | **7** | | **10** | | **8** | | **4** | |
| **Диссертатсияи ҳимояшуда** | **Ҳамагӣ** | **PhD** | **Доктори** | **Номзадӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Тасдиқ шуд | 219 | 5 | 12 | 202 | 52 | 0 | 1 | 51 | 111 | 4 | 7 | 100 | 56 | 1 | 4 | 51 |
| Рад карда шуд | 15 | 0 | 2 | 13 | 6 | 0 | 1 | 5 | 9 | 0 | 1 | 8 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дар баррасӣ | 178 | 6 | 6 | 170 | 33 | 2 | 1 | 30 | 122 | 4 | 3 | 119 | 23 | 0 | 2 | 21 |
| **Ворид шуд** | **416** | **11** | **20** | **385** | **91** | **2** | **3** | **86** | **246** | **8** | **11** | **227** | **79** | **1** | **6** | **72** |
| **Унвони илмӣ** | **Ҳамагӣ** | | **Профессор** | **Дотсент** | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент |
| Тасдиқ шуд | 156 | | 16 | 140 | 38 | | 2 | 36 | 93 | | 9 | 84 | 25 | | 5 | 20 |
| Рад карда шуд | 21 | | 7 | 14 | 2 | | 1 | 1 | 18 | | 6 | 12 | 1 | | 0 | 1 |
| Дар омӯзиш | 53 | | 6 | 47 | 6 | | 1 | 5 | 44 | | 4 | 40 | 3 | | 1 | 2 |
| **Дархост** | **230** | | **29** | **201** | **46** | | **4** | **42** | **155** | | **19** | **136** | **29** | | **6** | **23** |
| **Баробарарзишӣ (нострификат.)** | **Ҳамагӣ** | **PhD** | **Докторӣ** | **Номзадӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Тасдиқ шуд | 8 | 0 | 2 | 6 | 2 | 0 | 0 | 2 | 3 | 0 | 1 | 2 | 3 | 0 | 1 | 2 |
| Рад карда шуд | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дар омӯзиш | 2 | 0 | 0 | 2 | 1 | 0 | 0 | 1 | 1 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Дархост** | **10** | **0** | **2** | **8** | **3** | **0** | **0** | **3** | **4** | **0** | **1** | **3** | **3** | **0** | **1** | **2** |
| **Аттестатсияи такрорӣ** | **Ҳамагӣ** | **PhD** | **Докторӣ** | **Номзадӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Тасдиқ шуд | 1 | 1 | 0 | 0 | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Рад карда шуд | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дар омӯзиш | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Дархост** | **1** | **1** | **0** | **0** | **1** | **1** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** |

**Натиҷаҳои ҷамъбасти фаъолияти ШД ва ШЭ.** Умуман, фаъолияти Комиссияи олии аттестатсиониро дар тамоми самтҳои зикршуда, махсусан дар самти фаъолияти ШД ва ШЭ мусбат арзёбӣ кардан мумкин аст.

Ҷамъбаст ва натиҷагирии фаъолияти ШД ва ШЭ дар соли 2018 дар маҷлиси солонаи Комиссия, ки 26 январи соли 2019 баргузор гардида буд, бо иштироки васеи раисон, котибони ШД, ШЭ, ректорон, котибони илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, директорону котибони илмии институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин иштироки намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор дода шуд. Дар рафти ҷаласаи ҷамъбастӣ бештар аз камбудиҳо ва норасоиҳо дар фаъолияти ШД, сифати пасти баъзе диссертатсияҳо кушоду равшан изҳори ақида гардида, роҳҳои бартараф кардани камбудиҳо нишон дода шуда буд.

Тасмим гирифта шуд, ки ҳар семоҳа бо котибони илмии ШД, ШЭ ва шӯроҳои олимон аз тарафи Комиссия семинарҳои омӯзишӣ доир карда шавад. Инчунин қарор карда шуд, ки ҳамасола бояд ШД доир ба фаъолияти худ ба Комиссия гузориши муфассал пешниҳод намоянд, ки он аз тарафи Комиссия ҳамаҷониба мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода мешавад ва доир ба камбудию нуқсонҳои мавҷуда дар фаъолияти ШД ба унвони муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ номаҳои расмӣ ирсол мегардад.

Роҳандозии семинарҳои машваратӣ аз моҳи апрели соли ҷорӣ оғоз гардид. Чунончи, 11 апрели соли 2019 семинар-машварати омӯзишӣ бо иштироки котибони илмии шӯроҳои диссертатсионӣ, 7 май ҳамин гуна семинар-машварат бо иштироки раисон ва котибони илмии шӯроҳои экспертӣ ва 22 май бо ширкати котибони илмии шӯроҳои олимони донишгоҳу донишкадаҳо ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ доир карда шуд, ки масъалаҳои дар онҳо матраҳшуда аз тарафи иштирокчиён хеле хуб пазируфта шуданд.

Вобаста ба эродҳои Роҳбари давлат дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2019 роҷеъ ба фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ рӯзи 7 майи соли 2019 дар толори Комиссия бо иштироки Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Раҳмонзода А.А, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Саид, президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ бо раисони шӯроҳои экспертӣ ҷаласаи корӣ ва 14 майи соли 2019 дар толори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкати роҳбарияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар, раисон ва котибони илмии ҳамаи шӯроҳои диссертатсионии дар ҷумҳурӣ амалкунанда ҷаласаи васеъ доир гардид, ки дар онҳо тамоми паҳлуҳои фаъолияти ин шӯроҳо мавриди муҳокима ва арзёбӣ қарор дода шуд.

Ҳамчунин, семинари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҳамбастагии илм ва истеҳсолот», ки 21 сентябри соли ҷорӣ бо иштироки муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардид, барои кормандони илму маорифи кишвар як ҷаласаи муфид ва хотирмон буд. Дар семинари мазкур, ки дар он ба ғайр аз кормандони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин раисони шӯроҳои диссертатсионӣ, кормандони Вазорати маориф ва илми ҶТ, Академияи илмҳои ҶТ, академияҳои соҳавӣ ва олимони маъруфи кишвар иштирок доштанд, дар қатори дигар масъалаҳои ҳалталаб ба масъалаи сифати диссертатсияҳои дар шӯроҳои диссертатсионии ватанӣ ва хориҷӣ ҳимояшаванда диққати махсус дода шуд ва аз ҷониби иштирокчиёни семинар пешниҳодҳои мувофиқ ироа гардид.

**Коркард ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Комиссия.** Лозим ба ёдоварист, ки тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссия то имрӯз таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ва вазъи соҳаро идома дода, ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳа ва такмилу ба талабот мувофиқ намудан, инчунин мушаххассозии ҳуқуқу вазифаҳо ва ваколатҳои Комиссия дар самти аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ ба якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015, № 1197 «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» тағйиру иловаҳоро барои баррасӣ манзур намуд, ки дар раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, 30 апрели соли равон дар ҷаласаи Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардид ва 7 июн бошад, дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ лоиҳаи мазкур баҳои мусбат гирифта, пурра дастгирӣ ёфт.

Дар ин замина, аз ҷониби Комиссия Низомномаи Комиссия низ мавриди такмил қарор дода шуда, лоиҳаи Низомномаи мазкур дар таҳрири нав омода гардид ва дар лоиҳа барои роҳандозии фаъолияти муназзами амалии Комиссия сохтори он мавриди таҷдиди назар қарор гирифт. Ҳамзамон, бинобар ба миён омадани зарурати бастҳои иловагии корӣ, Комиссия ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархост муроҷиат намуда, бо ризоияти Ҳукумат ва дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 5 басти кории иловагӣ соҳиб гардид.

Таҷрибаи кори сесолаи Комиссия нишон дод, ки санадҳои муҳими меъёрии мавҷуда, аз қабили Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) низ аз камбудиҳо орӣ нестанд ва ниёз ба такмил доранд. Аз ин рӯ, Комиссия ба ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии кишвар ҷиҳати такмил ва пешниҳод намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои зикршуда бо мактуби расмӣ муроҷиат намуда, таклифу пешниҳодҳои лозимаро дарёфт кардааст ва корҳо дар ин самт ҳадафмандона идома доранд.

**Ҷараёни иҷрои созишномаҳои байналмилалӣ.** Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Комиссияро роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ҳамтоёни хориҷӣ ташкил медиҳад. То имрӯз, Комиссия робитаҳои берунии худро бо комиссияҳои аттестатсионии ду кишвар – Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Қирғизистон самаранок ба роҳ мондааст.

Дар доираи робитаҳои байни комиссияҳои олии аттестатсионии Тоҷикистону Ҷумҳурии Беларус бо мақсади омӯзиши таҷрибаи кории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Беларус сафари раиси Комиссия А.Ш. Розиқзода ба шаҳри Минск ба вуқӯъ пайваст, ки натиҷаҳои он имрӯз дар фаъолияти Комиссия истифода мешавад.

Дар рафти сафар маълум гардид, ки таҷрибаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Беларус дар самти назорати фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ, шӯроҳои экспертӣ, истифодаи барномаи компютерии антиплагиат, додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, маҳрум сохтан аз дараҷа ва унвонҳои илмӣ ва инчунин тартиби ба корҳои илмӣ машғул шудани хизматчиёни давлатӣ хеле ҷолиб будааст ва истифодаи он барои пешрафти минбаъдаи фаъолияти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Вобаста ба таҷрибаи Ҷумҳурии Беларус ва баъзе кишварҳои дигар Комиссия пешниҳод мекунад, ки минбаъд хизматчиёни давлатӣ, бахусус роҳбарони сатҳи баланди ниҳодҳои давлатӣ ба навиштану ҳимояи диссертатсияҳо танҳо бо иҷозати бевоситаи Роҳбари олии кишвар иқдом намоянд.

Комиссия ҷиҳати иҷрои бандҳои 8.5 ва 8.6 Нақшаи чорабиниҳои Протоколи ҷаласаи 16-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон «Оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи илм ва маориф» корҳои зеринро ба сомон расонидааст.

Якум, масъалаи табодули мунтазами таҷрибаи кории сохторҳои аттестатсионии тарафҳо вобаста ба тайёр кардан ва аз аттестатсияи давлатӣ гузаронидани кадрҳои илмӣ ва илмию техникии дараҷаи олӣ (банди 8.5) то имрӯз танҳо тавассути мукотиботи расмӣ ва почтаи электронӣ ба роҳ монда шуда, масъалаҳои марбут бо усули «пурсиш ва ҷавоб гирифтан» ҳаллу фасл карда мешаванд.

Аз дидгоҳи Комиссия танҳо бо ин усул ба роҳ мондани ҳалли масъалаҳо кофӣ нест ва агар кормандони комиссияҳои тарафҳо бевосита ба ҷойҳо рафта, таҷрибаи кории ҳамдигарро меомӯхтанд, натиҷаи он боз ҳам самараноктар мебуд.

Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон ба таври мунтазам ба Комиссияи ҶТ бо мактубҳои расмӣ дар хусуси расонидани дипломҳои дараҷаҳои илмии шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар шӯроҳои диссертатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон ҳимоя кардаанд, муроҷиат менамояд ва мувофиқан посух мегирад.

Дуюм, масъалаи «муҳайё сохтани шароит ва таъмин намудани рушди шабакаи шӯроҳои диссертатсионии байнидавлатӣ аз рӯйи самтҳои гуногуни илмӣ» (банди 8.6) беҳбудиро мехоҳад. То имрӯз

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 шӯрои диссертатсионии ба ном «байнидавлатии» Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон амал менамояд, ки бе мувофиқа бо Комиссия таъсис дода шудаанд. Дар таъсисдиҳии ин гуна шӯроҳо, ки бояд бо розигии комиссияҳои олии аттестатсионии тарафҳо ба роҳ монда шавад, ҳатман бояд мубрам будан ва теъдоди зарурии кадрҳои дорои тахассуси олии соҳаи мушаххаси илмии тарафҳо ба ҳисоб гирифта шавад. Бинобар он, вобаста ба иҷрои банди 8.6 Протокол Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло вазифаи худро танҳо дар нострификатсия (баробарарзиш) кунонидани дипломҳое мебинад, ки онҳо аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон дода шудаанд. То имрӯз зиёда аз 40 дипломи докторони илм ва номзадҳои илм аз нострификатсия гузаронида шудааст, ки соҳибони онҳо диссертатсияҳои худро дар шӯроҳои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон ҳимоя кардаанд.

Комиссия дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва академияҳои соҳавии кишвар ҷиҳати иҷрои муқаррароти банди 21 нақшаи чорабиниҳо аз рӯйи натиҷаҳои сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (9-10 марти соли 2018, Душанбе) дар хусуси «Густариши ҳамкориҳо байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва акдемияҳои соҳавии ду кишвар, омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ, табодули сафарҳои пажӯҳишгарон, мутахассисон ва донишҷӯён, инчунин мубодилаи маълумот оид ба эътирофи мутақобилаи санадҳо доир ба тахассус ва унвонҳои илмӣ» пайваста кор мебарад ва дар ин самт баъзе корҳоро ба сомон расонидааст.

Масалан, Комиссия ба нақша гирифтааст, ки бо розигӣ ва дастури Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон робитаҳои касбӣ барқарор намояд ва дар самти дар шӯроҳои диссертатсионии ҳарду кишвар аз рӯйи ихтисосҳои нодир омода намудани кадрҳои дорои дараҷаҳои илмӣ ва нострификатсия (баробарарзиш) намудани дипломҳои дараҷаҳои илмиву шаҳодатномаҳои унвонҳои

илмии байниҳамдигарӣ лоиҳаи шартномаи байнидавлатиро омода созад.

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми созишномаҳои байнидавлатӣ ва байналмилалии ин самтро, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бастааст ва ё онҳоро эътироф намудааст, ба роҳбарӣ мегирад. Дар доираи ин созишномаҳо Комиссия бо КОА Ҷумҳурии Беларус, Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қирғизистону Ӯзбекистон ҳамкорӣ дорад ва ҳамеша бо онҳо дар иртибот аст. Хусусан, бо КОА Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамкориҳои доимӣ ва судманд ба роҳ монда шудааст. Бо КОА Ҷумҳурии Қирғизистон шартномаи ҳамкории дутарафа низ расман ба имзо расидааст.

**Фаъолияти машваратӣ-тарғиботӣ ва ҷобаҷогузории кадрҳо.** Дар Комиссия рӯзи қабули шаҳрвандон оид ба масъалаҳои марбут ба аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ аз тарафи раиси Комиссия, муовини раис, котиби илмӣ ва мудирони шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия муқаррар карда шудааст, ки шаҳрвандон тибқи он ҳамарӯза қабул карда шуда, ба саволҳои худ ҷавобҳои мушаххас мегиранд. Таҷриба нишон дод, ки қабули мунтазами корафтодаҳо ба кору фаъолияти муназзами Комиссия халал ворид менамояд. Воридшавии даркору нодаркори довталабон боиси он гардида истодааст, ки дар фаъолияти Комиссия монеаҳои сунъӣ эҷод шуда, хоҳишу илтимосҳои беҷо меафзояд. Беҳтар мебуд, агар мисли таҷрибаи давлатҳои дигар вуруди шахсони бегона ва довталабон ба бинои Комиссия қатъиян манъ карда шуда, қабул аз ҷониби роҳбарият моҳе як маротиба тибқи рӯйхат ба роҳ монда шавад.

Фаъолияти Комиссия дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ва расонаҳои хабарии ҷумҳуриявӣ низ мавриди таҳлил ва инъикоси амиқ қарор дода шуда, пешкаши омма гардонида шудааст. Масалан, мақолаи раиси Комиссия, А.Ш. Розиқзода дар рӯзномаи «Минбари халқ» дар мавзӯи «Сатҳу сифати диссертатсияҳо беҳбудӣ мехоҳад» (аз 3 июли соли 2019, № 27), рӯзномаи «Народная газета» «В науке нет места случайным людям» (аз 8 майи соли 2019, № 20), дар Бюллетени КОА «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талабот ба сатҳу сифати

рисолаҳои илмӣ(диссертатсия)» (соли 2019, №2-3 саҳ.6-22) ба нашр расида, ҳамчунин сармуҳарири рӯзномаи «Минбари халқ» Бахтиёри Ҳамдам бо раиси Комиссия таҳти унвони «Бояд илм ба ҷаҳолат пирӯз бошад» (7 ноябри соли 2019, №45) муҳоварае ба табъ расонид, ки дар онҳо фаъолияти Комиссия, бурду бохт мушкилиҳо ва сатҳу сифати диссертатсияҳо ва ғайра инъикос гардиданд.

Мувофиқи ҷадвали басти вазифавии кормандон дар соли 2019 барои Комиссия 39 воҳиди корӣ пешбинӣ шудааст, ки аз онҳо 30 нафар – кормандони асосӣ ва 9 нафар – ҳайати хизматрасон мебошанд.

Аз тарафи шуъбаи умумӣ дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» барои ишғоли вазифаҳои холӣ озмун эълон шуда буд. Мутаассифона, барои ишғоли вазифаҳои холӣ ба Комиссия ягон ҳуҷҷат ворид нагардид. Алҳол аз 30 воҳиди кории кормандони асосӣ 18 воҳиди корӣ пурра гардидааст ва 12 воҳиди кории дигар холӣ боқӣ мондааст, ки аз ин ҳисоб 3 воҳиди корӣ ба шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ, 3 воҳиди корӣ ба шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ, 3 воҳиди корӣ ба шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва 3 воҳиди корӣ ба шуъбаи ташкилӣ, молиявӣ ва ҳуқуқ дахл дорад. Дар Комиссия 10 нафар корманди дараҷаи илмидошта кор мекунанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм ва 6 нафарашон номзади илм мебошанд.

**Мукотибот ва муросилот.** Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои илмӣ, таҳсилотӣ ва ташкилоту корхонаҳо ба Комиссия 1349 мактубу санадҳои гуногун ворид гардида, ба қайд гирифта шудааст. Аз ин теъдод 40 мактуб аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ ва дигар зерсохторҳои ҳукуматӣ ворид гардидааст. Инчунин, 439 парвандаи аттестатсионӣ барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, 209 парвандаи аттестатсионӣ барои дарёфти унвонҳои илмӣ, 13 парвандаи аттестатсионӣ барои эътироф ва баробарарзиши ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи дараҷа ва унвонҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда ба қайд гирифта шудаанд.

Аз тарафи Комиссия ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаву ташкилотҳои дохил ва хориҷи кишвар 396 мактубу пешниҳодҳо ирсол гардидааст. Аз ин шумора 13 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд.

Дар давраи ҳисоботӣ 359 фармоиш таҳия ва ба расмият даровара шудааст, ки аз онҳо 292 фармоиш оид ба фаъолияти асосӣ ва 67 фармоиш оид ба ҳайати шахсӣ мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ ба 156 нафар шаҳодатномаи унвони илмӣ дода шудааст, ки аз онҳо 16 нафарашон ба унвони илмии профессор мушарраф гардидаанд. Аз 219 нафари дипломи дараҷаи илмигирифа бошад, 12 нафарашон ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илм ноил гаштаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар назди раиси Комиссия 30 ҷаласаи назоратӣ гузаронида шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои ҷории фаъолияти Комиссия муҳокима шудаанд.

**Оид ба вазъи молиявӣ ва корҳои таъмирию тармимӣ.** Дар соли 2019 аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ мувофиқи «Сметаи даромад ва хароҷот барои соли 2019 ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» 1201102 (як миллиону дусаду як ҳазору яксаду ду) сомонӣ ҷудо гардидааст. Аз ин маблағ 1041041 (як миллиону чилу як ҳазору чилу як) сомонӣ барои музди меҳнати кормандон, хариди таҷҳизоти техникӣ, маводи канселярӣ, пардохтҳои коммуналӣ, алоқа, таъмири ҷорӣ ва пешбурди соҳа хароҷот шудаст, ки 86,7% нақшаи нӯҳмоҳаро ташкил медиҳад.

Аз тарафи Комиссия дар соли 2019 барои 286 хулосаи экспертии парвандаҳои аттестатсионӣ ба экспертҳои ШЭ маблағи 91550 (наваду як ҳазору панҷсаду панҷоҳ) сомонӣ музди кор пардохт шудааст.

Мувофиқи нархномаи хизматрасониҳои давлатии пулакии Комиссия ба суратҳисоби махсуси он дар соли ҷорӣ 388536 (сесаду ҳаштоду ҳашт ҳазору панҷсаду сию шаш) сомонӣ ворид гардидааст, ки 281095 (дусаду ҳаштоду як ҳазору наваду панҷ) сомонии он барои мустаҳкам намудани базаи моддию техникӣ, ҳавасмандгардонии кормандон ва пардохтҳои ҳатмӣ хароҷот шудааст. Барзиёдии

даромад ва трасфертҳои асосии дохилӣ ба ташкилотҳои давлатии молиявӣ хароҷот шудааст, ки дар якҷоягӣ 72,3% -ро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ анбор ва ду бинои муассиса, ки хеле фарсудаю корношоям гашта буданд, пурра бозсозӣ шуда, ба ҷойи кории кормандон ва толори маҷлисгоҳ табдил ёфтанд, фарши ҳавлии бино бо сафолаки ороишӣ (мозайка) пӯшонида шуда, деворҳои берун аз нав рангу бор карда шуд.

**Оид ба мушкилиҳои ҷойдошта.** Бояд тазаккур дод, ки дар баробари фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохили кишвар шӯроҳои диссертатсионии комиссияҳои олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қирғизистон фаъолият карда, дар якҷоягӣ 3 шабакаи мустақили низоми аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олии мамалакатро ташкил додаанд. Тавре, ки дар боло қайд гардид, имрӯз дар ҷумҳурӣ дар баробари фаъолияти 54 шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин 17 шӯрои диссертатсионии комиссияҳои олии аттестатсионии Федератсияи Россия фаъолият карда истодаанд. Тибқи маълумоти охирин Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон бо сабабҳои гуногун фаъолияти се шӯрои диссертатсионии худро дар Тоҷикистон дар самти илмҳои дақиқ қатъ намуд.

Вобаста ба фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии хориҷии дар дохили кишвар амалкунанда бояд гуфт, ки онҳо бечунучаро ба самаранокии фаъолияти Комиссия ва танзими раванди ҳимояи диссертатсияҳои дар мамлакат иҷрошуда халал эҷод менамоянд. Маҳсул ва моликияти зеҳнии мамлакат ба таври ройгон ва бебозгашт ба хориҷи ҷумҳурӣ интиқол дода мешавад. Ҳарчанд Комиссия баҳри иҷрои банди 4 Нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №2 дар бораи фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», иҷрои бандҳои протоколҳои маҷлисҳои машваратии назди Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди

иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 06 марти соли 2017, №12 ва аз 09 октябри соли 2017, №16/37 ва инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда тамоми иқтидорҳои худро равона карда бошад ҳам, мутаассифона, дар иҷрои баъзе аз бандҳои протоколҳои мазкур, ки ҳалли онҳо ба фаъолияти дигар муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад, мушкилӣ мекашад.

Масалан, дар зербанди 6, банди 2 қарори маҷлиси машваратии назди Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 марти соли 2017, №12 омадааст, ки Комиссия бояд «ба диссертатсияҳои номзадӣ ва доктории дар хориҷи кишвар ҳимояшаванда хулоса манзур созад». Чи гуна хулоса манзур сохтан мумкин аст, ки Комиссия, ҳатто дар бораи диссертатсияҳои шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар шӯроҳои диссертатсионии ба комиссияҳои олии аттестатсионии ФР ва Ҷумҳурии Қирғизистон тааллуқдоштаи дохили кишварамон ҳеҷ гуна иттилоъ дар ихтиёр надорад. Ҳол он ки тибқи зербанди 5, банди 2 қарори маҷлиси машваратии назди Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 09 октябри соли 2017, №16/37 довталабони дараҷаҳои илмие, ки диссертатсияҳои худро дар ин гуна шӯроҳои диссертатсионӣ ҳимоя мекунанд, бояд ба Комиссия нусхаи электронии диссертатсия ва нусхаи хаттии автореферати онро, ҳатман дастрас намоянд, вале он то имрӯз иҷро намегардад.

Банди 3 қарори маҷлиси мазкур низ, ки ба ректорон ва директорони муассисаҳои таълимӣ ва илмии кишвар дахл дошта, онҳоро вазифадор намудааст, ки дар баробари дигар дарёфткунандагони нусхаи ҳатмии автореферати диссертатсияҳо ба Комиссия ҳам нусхаи иловагии онҳоро дастрас намоянд, ин талабот ҳам, мутаассифона иҷро намегардад.

Мо ҳеҷ ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки як қисми моликияти зеҳнии кишварамонро ба ихтиёри муассисаҳои илмии кишварҳои дигар вогузор намоем. Моро мебояд танҳо аз мавқеи истиқлолияти воқеии илмию фарҳангӣ, манфиатҳои милливу давлатӣ ва тақдири ояндаи илми ватанӣ баромад намуда, пойгоҳи илмии Комиссияи олии аттестатсионии кишвари худамонро ҳаматарафа мустаҳкам намоем. Танҳо Комиссияи миллӣ метавонад пуштибони манфиатҳои миллату давлат, ҳимоятгар ва тарғибгари болоравии сатҳу сифати

кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ ва диссертатсияҳои ҳимояшаванда бошад.

Боиси таъкид аст, ки Комиссия дар мавриди таъсис додани шӯроҳои нави диссертатсионӣ ба иҷрои талаботи зербанди 3, банди 9 протоколи маҷлиси назди Ёрдамчиии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 09 октябри соли 2017, №16/37 оид ба роҳ надодан ба такроршавии ихтисосҳо аҳамияти хосса медиҳад. Мутаассифона, дар аксари ҳолатҳо тамоми кӯшишҳои Комиссия бо амалҳои нодурусти баъзе аз муассисаҳои олии таълимиву илмии кишвар ба нокомӣ рӯ ба рӯ шуда, дар фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии ватанӣ мушкилот эҷод мешавад.

Масалан, бо фармоиши Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия аз 29 ноябри соли 2018, №320/нк дар назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз рӯйи ихтисосҳои 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (самти илмҳои Педагогика) ва 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (математика, сатҳҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ (самти илмҳои Педагогика) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм бидуни мувофиқа бо Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯрои диссертатсионии муштараки Д999.221.02 таъсис дода шудааст. Ҳол он ки аз рӯйи ҳамин ихтисосҳо дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон шӯроҳои диссертатсионии ватанӣ амал карда истодаанд. Таъсиси шӯрои диссертатсионии мазкур ба фаъолияти 7 шӯрои диссертатсионии ҶТ – 6D.KOA-012, 6D.KOA-027, 6D.KOA-028, 6D.KOA-035, 6D.KOA-036, 6D.KOA-045, 6D.KOA-049 халал ворид намуд. Комиссия маҷбур гардид, ки тибқи талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ба ҳайати баъзе шӯроҳои диссертатсионии зикршуда тағйирот ворид намояд ё ҳатто фаъолияти баъзе шӯроҳоро боздорад.

Мисоли дигар. Гарчанде дар назди ҳам Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҳам Академияи таҳсилоти Тоҷикистон шӯроҳои диссертатсионӣ оид ба ихтисоси Педагогика амал карда истода

бошанд ҳам, вале 20 феврали соли 2018 бо фармони №222/нк Вазорати илм ва таҳсилоти олии ФР боз як шӯрои диссертатсионии муштараки ин муассисаҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори илм ва номзади илм аз рӯйи ихтисосҳои 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (самти илмҳои Педагогика) ва 13.00.02 – Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забони модарӣ, сатҳи таҳсилоти умумӣ ва касбӣ; забони русӣ, сатҳи таҳсилоти умумӣ ва касбӣ (самти илмҳои Педагогика) таъсис дода шудааст. Агар ба ҳайати шӯрои диссертатсионии мазкур ва мақолаҳои илмии чопнамудаи аъзои онҳо бо диққат назар афканем, мебинем, ки зиёда аз нисфи аъзои ин шӯро ба талаботи Низомномаи намунавии шӯрои диссертатсионӣ ҷавобгӯ нест. Вале боз ҳам сухан дар боби он меравад, ки он замон Комиссия маҷбур шуд, ки ба ҳайати 5 шӯрои диссертатсионии ватанӣ тағйирот ворид кунад.

Имрӯз кор то ба ҷое расидааст, ки таъсиси ҳар як шӯрои нави диссертатсионии ин кишварҳо (ФР ва ҶҚ) ба талабот нисбат ба ҳайати шахсии шӯроҳои диссертатсионии ҶТ халал эҷод намуда, Комиссияро маҷбур месозад, ки доир ба ҳайати онҳо доимо тадбирҳои иловагӣ андешад.

Бисёр ҷойи таассуф аст, ки роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, Академияи илмҳои ҶТ (Комиссияи аттестатсионии ФР дар ҶТ) қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро (аз 26 ноябри соли 2016, №505) нодида мегиранд. Мурoҷиату таъкидҳои чандинкаратаи роҳбарияти Комиссия ба Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон натиҷаи дилхоҳ надод. Академия Комиссияро ҳамеша бовар мекунонад, ки ин шӯроҳо, ҳатман замоне барҳам мехӯранд ва Комиссия бояд дар ҳоли ҳозир бо кори худ машғул бошаду Академия бо кори худ.

Вале тибқи Низомномаи Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидааст, танҳо Комиссия дар кишвар мақоми ҷумҳуриявии ваколатдор оид ба аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ, додани дараҷаву унвонҳои илмӣ ва тасдиқкунандаи баробарарзишии ҳуҷҷатҳои дар хориҷи кишвар гирифташуда эътироф гардидааст. Пас, оё метавонад дар як кишвар ду ниҳод

машғули як фаъолият бошанд? Магар дар таъсис додани шӯроҳои диссертатсионӣ дар худи Федератсияи Россия ё Ҷумҳурии Қирғизистон ба ҳамин гуна бесарусомонӣ роҳ медиҳанд? Оё ягон давлати дигарро номбар кардан мумкин аст, ки дар он ҷо ба таъсис додани шӯроҳои диссертатсионӣ ниҳодҳои марбути давлатҳои хориҷӣ машғул бошанд?

Комиссия ҷонибдори он аст, ки шӯроҳои диссертатсионии ватанӣ бо истифодаи мутахассисони давлатҳои дигар танҳо аз рӯйи ихтисосҳои нодире, ки мутахассисони худӣ намерасанд, таъсис дода шаванд. Ҳамчунин, дар ҳама ҳолат, мисли дигар кишварҳои пасошӯравӣ дар таъсиси шӯроҳои диссертатсионии дохиливу байнидавлатӣ бояд Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ бо Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман дар тамос ва тавофуқ бошанд.

Албатта, мавҷудияти шӯроҳои алтернативӣ ҳам бисёр зарур аст, вале шӯроҳои диссертатсионии таъсисёфта иқтидорҳои худро дуруст ва пурра истифода карда наметавонанд. Дар ҳоли ҳозир дар ҷумҳурӣ теъдоди довталабони ҳимоякунандаи диссертатсия ба қадри кофӣ нест. Бинобар ин, моро зарур аст, ки аз баҳри шӯроҳои ихтисосҳояшон такроршавандаи ФР ва ҶҚ дар ҶТ бароем ва низоми аттестатсионии миллиро мустаҳкам намоем.

Бояд иқрор шуд, ки идома ёфтани ин гуна ҳолат чандон ба манфиати рушди илми кишвар набуда, агар аз як тараф, дар самти аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ мушкилот эҷод намуда, танзиму идораи раванди аттестатсияро душвор гардонад, аз ҷониби дигар, яқинан ба коста шудани сифати кадрҳои илмӣ ва диссертатсияҳои ҳимояшаванда оварда мерасонад. Агар солҳои 2017-2018 дар 7 шӯрои диссертатсионии самти илмҳои иқтисодии Комиссия ҳамагӣ 47 нафар ҳимоя карда бошад, пас дар 2 шӯрои диссертатсионии комиссияҳои ФР ва ҶҚ 176 нафар ҳимоя кардааст, ки ин ҳолат таҳлил ва муносибати ҷиддиро тақозо дорад. Ҳолатҳое ба мушоҳида расида истодаанд, ки баъзе диссертатсияҳои аз ШД Комиссия баргашта дар шӯроҳои диссертатсионии ҶҚ ё ФР ҳимоя мешаванд. Бояд ҳарчи зудтар пеши роҳи ин нобасомониҳоро гирифт. Масалан, дар Ҷумҳурии Беларус ягон диссертатсия бе

мувофиқаи Комиссияи олии аттестатсионӣ барои ҳимоя ба берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ фиристода намешавад.

Имрӯз зарурати таҷдиди назар ё бекор намудани моддаи 7 Созишномаи байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии тахассуси олӣ» аз 12 феврали соли 1997 дар хусуси мақоми ваколатдори Тоҷикистон дар ин соҳа баромад намудани Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Бояд ҳамаи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии мамлакат бо як нуктаи бисёр муҳим мувофиқ бошанд, ки дар кишвар мақоми ягонаи ваколатдор дар самти аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ танҳо Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бо дарназардошти мушкилоти баамаломада, такроран аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона, хоҳиш карда мешавад, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои зикршуда, тафриқаи ваколатҳои мақомоти марбута ҷиҳати аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ ба вазорату академияҳо ва муассисаҳои дахлдор дастур фармоянд, то ки онҳо ба фаъолияти муназзами Комиссия халал ворид нанамоянд.

Минбаъд Комиссия тасмим гирифтааст, ки:

- дар фаъолияти худ шаффофияти бештари электрониро роҳандозӣ намояд;
- бе иҷозат ва пинҳонӣ ҳимоя кардани диссертатсияҳоро дар дигар мамлакатҳо барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ пешгирӣ намояд;
- пинҳон нигоҳ доштани маҳрумкунӣ аз дараҷаҳо ва унвонҳои илмии дар дигар ҷумҳуриҳо бадастовардаи шаҳрвандони кишварро пайгирӣ намояд;
- тавассути роҳбарони муассисаҳо назорати ҷиддиро вобаста ба фаъолияти ШД ва серталабиро ҷиҳати аз рӯйи низомномаву дастурҳо омода намудани парвандаҳои аттсетатсионӣ барои дарёфти унвонҳои илмӣ ба роҳ монад;
- дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати интихоби мавзуъҳои диссертатсионӣ вобаста ба иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат чораандешӣ намояд;

- ҳолатҳои номатлуби шиносбозӣ, хешутаборчигӣ ва амалҳои коррупсионии барои илм бегонаро дар ШД пешгирӣ намояд;

- минбаъд низ барои ба кор ҷалб намудани мутахассисони соҳавии арзандаву дорои тахассуси олӣ чораҷӯӣ намояд;

- бо мақсади пешгирии сохтакориҳои ШД ва корсозии диссертантҳо барои насби сервери пуриқтидор чораҳои зарурӣ андешад.

**Пешниҳодҳо.** Комиссия барои фаъолияти минбаъдаи пурсамар пешниҳодҳои зеринро манзур менамояд:

- бозбинии сохтори Комиссия бо мақсади таъмини фаъолияти муназзами он;

- бо дарназардошти зиёд будан хавфи ба коррупсия ва дигар амалҳои ба илм бегона даст задани экспертҳо, аз ҷиҳати молиявӣ ҳавасманд гардонидани аъзои ШЭ;

- барои таҷрибаомӯзӣ ба давлатҳои хориҷӣ ба сафари хизматӣ фиристодани кормандони Комиссия;

- бо мақсади бо таҷҳизоти техникии муосир таъмин намудани Комиссия, ба яке аз лоиҳаҳои сармоягузориҳои хориҷӣ шомил намудани он;

- дар доираи имконоти мавҷуда ба бинои дигар иваз намудани бинои феълии Комиссия, зеро он ба мазмун, мақом ва талаботи он ҷавобгӯ нест.

Бо истифода аз фурсати муносиб сипос ва қаноатмандии хешро аз дастгирии ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соҳаи илму маориф баён дошта, омодагии хешро баҳри татбиқи ҳамаҷонибаи ин сиёсат иброз медорем.

**Ф.С. Комилиён**
муовини раиси КОА,
д.и.ф.м., профессор

## ЗАНҶИРИ ГУСАСТАИ ИЛМ БО ИСТЕҲСОЛОТРО МУСТАҲКАМ БОЯД БАСТ

Рушди илм, маориф, инноватсия ва техникаю технология аз зумраи масъалаҳое мебошанд, ки ҳалли тамоми мушкилоти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳо ва инчунин сатҳу сифати зиндагӣ маҳз ба онҳо вобастагӣ дорад. Имрӯз мақому манзалати кишварҳо аз рӯйи то кадом андоза дар соҳаҳои техникию технологӣ рушд ёфта тавонистани илму инноватсия дар онҳо ва дар кадом сатҳ қарор доштани неруи зеҳниашон арзёбӣ карда мешавад.

Масъалаи илму маориф, хоса рушди илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва таҷрибавӣ, омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ, ба ҳадафҳои стратегии мамлакат мувофиқ гардонидани самтҳои афзалиятноки илм, мавзуъҳои фармоишӣ, омодасозии кадрҳои илмӣ, такмили неруи зеҳнӣ, маблағгузории соҳаҳои мазкур ва ғайра дар паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор дода мешаванд. Дар Паёми имсола низ омадааст, ки «дар марҳалаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд». Барои рушди тафаккури техникии наврасону ҷавонон солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардид.

Амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм, роҳандозии фаъолияти муассисаҳои илмӣ тибқи талаботи замони муосир ва дар ин замина таъмин намудани истиқлолияти комилу воқеии кишвар ба истифодаи самаранок ва татбиқи васеи дастовардҳои илмии муҳаққиқону навоварон ниёз дорад, ки паҳлуҳои гуногун ва

вижагиҳои он дар *ма*қолаи сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ (МТС), доктори илмҳои фалсафа, профессор *Абдураҳмон Қурбонов «Илм дар пешорӯи буҳрон» (23.11.19,* **http://mts.tj/1433/news/,** *гунаи русиаш «Наука в Таджикистане: кризис или развитие?», 07.11.2019, http://www.narodnaya.tj/) аз диди экспертӣ ҳамаҷониба ва дақиқ таҳлил ёфтаанд.*

Дар қатори ҷабҳаҳои гуногуни масъалаи илм ва истифодаи самараноки он эксперт диққати хонандаро ба дуруст муайян кардани равияҳои афзалиятноки илм ва маблағгузории мақсадноки он, хусусан ба мавуъҳои фармоишӣ равона кардааст, ки шоёни омӯзиш ва дастгирист. Тибқи таҳлилҳо мавсуф номгӯйи аз тарафи Ҳукумати ҶТ тасдиқгардидаи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмиро ба се марҳила (солҳои 2007-2009 аз рӯйи 50 равия, солҳои 2010-2012 – 65 равия ва солҳои 2015-2020 – 106 равия) ҷудо карда, бе дарназардошти талаботи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, имкони молиявии ҷумҳурӣ ва асоснокии илмӣ аз ҷониби мақомоти давлатии масъули таҳияи рушд ва дурнамои Тоҷикистон тарҳрезӣ ва қабул гардидани онҳоро исбот намудааст.

Аз нигоҳи А.Ш. Қурбонов «ҳадафи асосии ташаккул ва амалисозии самтҳои афзалиятнок дар илм, ин дақиқ намудани самтҳои рушди комплекси ватании илмию техникӣ ва низоми миллии инноватсионӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллии Тоҷикистон ва тамоюлоти рушди ҷаҳонии илмӣ, технологӣ ва инноватсионӣ ... мебошад», ки ин ақида комилан дуруст аст. Эксперт «самтҳои афзалиятнокро ... ба модернизатсияи иқтисоди миллӣ ва ҳадафҳои стратегии Ҳукумати кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат муайян шудаанд – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат» вобаста дониста, чор самти афзалиятнокро муайян кардааст:

– **рушди энергетика, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия (об, офтоб, шамол);**

– **рушди соҳаи кишоварзӣ (агросаноатӣ) – омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ;**

– **рушди илмҳои техникӣ ва муҳандисӣ;**

**– рушди соҳаи фармакология.**

Агар ба ин 4 самт фарох бингарем, мебинем, ки онҳо натанҳо фарогири 106 равия, балки садҳо равияҳои илмӣ буда, ҷавобгӯи тамоми имконоти табиӣ, ҷуғрофӣ, иқлимӣ ва ҳадафҳои стратегии мамлакат мебошанд.

Тоҷикистон тавассути иқдомҳои пай дар пайи Роҳбари худ дар ҷаҳон ҳамчун кишвари пешбари масъалаҳои об пазируфта шудааст. Чунки сарвати асосии табиии кишвари моро кӯҳҳо ва маҳз ҳамин оби ҷонбахши он ташкил медиҳанд. Пас, мо бояд аз ин неъматҳои худододӣ ва захираҳои нуҳуфтаи кӯҳсори кишвар самаранок истифода бурда, аз ҳамин ҳисоб боло бурдани сатҳи зиндагии мардуми хешро ба роҳ монем. Агар сарвати кишварҳои дигар газ, нафт ё ҷангал буда, бо ёрии ин захираҳои табиӣ некуаҳволии мардуми худро устуворона роҳандозӣ мекарда бошанд, чаро мо аз сарватҳои табиии худ – кӯҳу об дуруст истифода бурданро ба роҳ намонем?

Масалан, истифодаи мақсаднок, бонизом ва оқилонаи захираҳои мавҷудаи оби кишвар ва маҳсулоти он, бахусус имконоти моҳипарварӣ, аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки истиқлолият ва амнияти озуқаворӣ, беҳдошти вазъи иқтисодии мамлакат ва бо маводи муфиди ғизоӣ таъмин намудани аҳолӣ ба ҳалли онҳо робитаи ногусастанӣ дошта, имрӯз ба яке аз самтҳои маркази сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтаанд. Шароити иқлимӣ ва ҷуғрофии кишвари мо барои тараққӣ додани соҳаи моҳипарварӣ, хусусан гулмоҳипарварӣ, ҳам дар экосистемаҳои табиии обӣ (кӯлҳо, дарёҳо) ва ҳам дар махзанҳои сунъии обӣ (обанборҳо ва ҳавзҳои моҳипарварӣ) хеле мувофиқ аст. Арзиши аслии гулмоҳӣ ба ҳиссаи хароҷоти молиявии хоҷагии моҳипарвар дар дастрас намудани ғизои омехтаи сунъӣ ва ташкили оқилонаи раванди ғизодиҳӣ ба моҳӣ вобаста мебошад. Ташкили раванди ғизодиҳии моҳиро вақте комилан дуруст ба роҳ мондан мумкин аст, ки агар он бар пояи илмӣ устувор гардонида шуда, ҳар як амали он илман асоснок шуда бошад.

Тибқи маълумоти Агентии обуҳавосанҷии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ ҳарорати миёнаи оби аксар махзанҳои обии ноҳияҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳии кишвар дар тӯли сол

аз $18^0C$ ҳеҷ гоҳ боло намебарояд, ки ин нишондиҳанда ҳарорати муносиб барои таъмини рушду афзоиши гулмоҳӣ мебошад. Далели мазкур ба он ишора мекунад, ки гулмоҳипарварӣ бояд соҳаи афзалиятнок ва паҳнгаштатарини моҳипарварӣ бошад. Дар сурати аз ҳисоби маводи дохилии кишвар ташкил намудани коргоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрокаи гулмоҳӣ ва ба роҳ мондани коркарди гӯшти он, соҳаи мазкурро ба соҳаи сердаромадтарин табдил додан имконпазир аст.

Дар ин маврид, Тоҷикистон натанҳо аҳолии худро бо ғизои серсафедаи арзон таъмин менамояд, балки маҳсулоти аз гулмоҳӣ омодагаштаро ба хориҷи кишвар содир низ карда метавонад. Ҳамчунин, дар радифи ҳалли масъалаи гулмоҳипарварӣ чандин масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, масалан, масъалаи ташкили ҷойҳои нави корӣ ва бо кор таъмин намудани қисми зиёди аҳолии деҳот низ метавонанд ба осонӣ ҳалли худро пайдо кунанд.

Барои амалигардонии андешаҳои зикршуда омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи моҳипарварӣ, ки аз технологияҳои муосири иттилоотӣ, идоракунӣ ва амсиласозии математикиву компютерӣ бархӯрдор бошанд, бояд ҳамеша дар мадди аввал истад. Танҳо бо истифода аз усулҳои амсиласозии компютерӣ метавон раванди ғизодиҳии моҳиро ба таври худкор ва самаранок идора кард, вобастагии вояи (ратсиони) муосиби хӯрокаи онро аз омилҳои табиии таъсиррасон муайян сохт, оқибатҳои татбиқи ин ё он речаи идоракуниро пешгӯӣ намуд, табодули имконпазири комплекси алоқаҳои сабабу натиҷавиро арзёбӣ кард ва ҳосилнокии баланди моҳиро дар ҳар як воҳиди ҳаҷми ҳавзи моҳипарварӣ таъмин намуд.

Ин танҳо як мисоли самаранок истифода бурдани имкониятҳои обии мамлакат буд. Азбаски имрӯз дар назди АИ ҶТ Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология амал мекунад, пас Тоҷикистон натанҳо дар масъалаи моҳипарварӣ имконияти пешоҳанг буданро дорад, балки вазифаи асосӣ дар он аст, ки дар масъалаҳои тақсимоти муносиби об дар байни истифодабарандагони сатҳҳои гуногун, гидроэнергетика ва нигаҳдории устувори захираҳои об, бахусус пиряххои номии он мақоми пешбарро касб намояд. Зиёда аз ин, вақти он расидааст, ки

ба масъалаи кӯҳ ва захираҳои зеризаминӣ аҳамияти аввалиндарача диҳем. Тоҷикистон мамлакати кӯҳсор аст. Беш аз 93% масоҳати кишварро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Роҳҳои имконпазири рушд додани соҳаи саноати кӯҳӣ ва кӯҳкорӣ бениҳоят зиёданд. Мо дар қадами аввал пешниҳод менамоем, ки дар назди АИ ҶТ Институти кӯҳ таъсис дода шавад, то ки масъалаи истифодаи оқилона ва самараноки канданиҳои фоиданок ҳалли муассири худро ёбад. Ин масъала аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ (Комиссия) борҳо пешниҳод гардидааст, вале то ҳол нисбат ба он таваҷҷуҳ зоҳир намегардад, ки чандон ба нафъи кор нест.

Комиссия вобаста ба теъдод ва асоснокии равияҳои афзалиятноки илм пешниҳоди худро дар мактуби № 134 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ 31.05.19 ирсол карда буд, ки равияҳо бояд аз нав аз рӯйи зарурати иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ дар чорчӯби талаботи Стратегияи миллии рушд таҳия ва тасдиқ карда шаванд. Равияҳои илмиро бо мавзуъҳои илмии кормандони муассисаҳо омехта кардан нашояд. Равияҳои илмӣ бояд самтҳои асосии илмро муайян кунанд. Теъдоди равияҳои афзалиятноки илм аз 5-10 зиёд буда наметавонад ва ғайра.

Вобаста ба танзими миқдори шӯроҳои диссертатсионӣ ва кадрҳои илмӣ-техникии тахассуси олӣ Комиссия ҳанӯз 13 июни соли 2017, таҳти № 95 аз вазорати мазкур дархост карда буд, ки нақшаи солонаи эҳтиёҷоти ҷумҳуриро ба мутахассисони илмӣ аз рӯйи ихтисосҳои мавҷуда манзур намояд. Мутаассифона, ҳамин гуна нақша то кунун вуҷуд надорад, ки он боиси норозигиҳои Сарвари давлат дар хусуси миқдори диссертатсияҳои дар ҷумҳурӣ ҳимояшуда гаштааст. Аз ин рӯ, Комиссия такроран хоҳиш менамояд, ки Вазорати рушди иқтисод ва савдо нақшаи панҷсолаи тайёр намудани мутахассисони дорои тахассуси олиро барои ҳамаи ихтисосҳои илмӣ таҳия ва пешкаш созад, чунки масъалаи мазкур бо масъалаи маблағгузории соҳаи илм вобастагии зич дорад.

Масъалаи дигаре, ки дар мақолаи А.Ш. Қурбонов диққати моро ҷалб кард, масъалаи сифати кадрҳои илмӣ дар кишвар, сатҳи илмии таҳқиқот ва риояи этикаи илмӣ аст: «... вазифаҳое, ки давлат дар назди ҷомеаи илмӣ мегузорад, дар сатҳи зарурӣ иҷро намешаванд.

Иҷро нагардидани ин вазифаҳо, дар мадди аввал, ба нокифоя будани сатҳи маблағгузорӣ ва низоми номувофиқи ташкилу идораи соҳаи илм дар ҷумҳурӣ иртибот дошта бошад, ҳамзамон, омилҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки дар ҳаёти илмии кишвар нақши номуносиб мегузоранд. Чунин омилҳои номатлуб ин сатҳи пасти тадқиқотҳои илмӣ ва мутаносибан, сатҳи пасти кадрҳои илмӣ, ҳамчунин риоя нагардидани этикаи илмӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ боиси таназзул ёфтани илм ва коҳиш ёфтани нуфузу эътибори олим ва унвонҳои илмӣ дар кишвар гардидаанд .... Теъдоди олимони соҳибунвон, хусусан доктору академикҳо рӯ ба афзудан дошта, вале тадқиқотҳои мукаммалу арзишманд ва кашфиётҳои илмии назаррас камшуморанд. Ба афзудани теъдоди олимони унвондор нигоҳ накарда, имрӯз ёфтани роҳбарони илмӣ барои аспирантону унвонҷӯён ё муқарриз барои рисолаҳои номзадию докторӣ мушкил мегардад. Бинобар ин, сатҳи дониши кадрҳои илмӣ ва сифати диссертатсияҳо коҳиш ёфта, масъалаи мазкур ба мушкилоти мураккабе табдил ёфта истодааст».

Вобаста ба масъалаи мазкур мехостам вазъро мухтасар дар намуди таҳлили оморӣ дар мисоли фаъолияти Комиссия баён созам, чунки таҳлили пурраи он дар мақолаи раиси Комиссия А.Ш. Розиқзода дар рӯзномаи «Минбари халқ» (№ 27, 03.07.19) таҳти унвони «Сатҳу сифати диссертатсияҳо беҳбудӣ мехоҳад» инъикоси амиқ ёфтааст.

Комиссия бо ибтикор ва қотеияти бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади осон намудани мушкилоти шаҳрвандон дар бобати омода кардани диссертатсияҳо ба забони давлатӣ ва ҳимояи онҳо дар дохили кишвар ва ҳамзамон таъмини эҳтиёҷоти кишвар ба кадрҳои баландихтисоси илмӣ дар доираи стандартҳои байналмилалӣ ва таҳкими истиқлолияти илмии мамлакат таъсис дода шудааст.

Комиссия амалан аз моҳи марти соли 2015 ба кор оғоз намуда, ба омода намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти худ шурӯъ кардааст. Баъди қабул шудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ», «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)» ва

«Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои илмии ҳимояшуда», № 505 аз 26.11.16 дар муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар ҷараёни таъсис додани шӯроҳои диссертатсионӣ оғоз гардид.

Ба Комиссия аз ибтидо то оғзои соли 2020 барои таъсис додани шӯроҳои диссертатсионӣ (ШД) аз муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 152 дархостнома ворид гардида, аз онҳо 56-то қонеъ, 92-то рад ва 6-то дар омӯзиши шуъбаҳои аттестатсионӣ (ША) ва шӯроҳои экспертӣ (ШЭ) қарор доранд. Аз 56 ШД таъсисдодашуда 50-тои он фаъолият дошта, аз рӯйи 104 ихтисоси PhD ва 166 ихтисоси анъанавӣ диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва номзадиву доктириро ба ҳимоя қабул карда истодаанд. Бо сабаби ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ додан фаъолияти 2 шӯро ба пуррагӣ қатъ ва 4 шӯро боз дошта шудааст. Барои гузаронидани ҳимояҳои якдафъаина ба 38 дархостнома иҷозат дода шудааст, ки онҳо ба ихтисосҳои Сохтмон, Гидрология, Физика, Биофизика, Тиб, Биология, Таҳлили системавӣ ва ғайра тааллуқ доранд. Барои арзёбии фаъолияти ШД аз рӯйи самтҳои гуногуни илм дар Комиссия 15 ШЭ амал мекунад.

Аз диссертатсияҳои дар ШД ҳимояшуда ба Комиссия 587 парвандаи аттестатсионӣ ворид гардида, аз онҳо 374-тояш (29 докторӣ, 340 номзадӣ ва 5 PhD) тасдиқ, 25-тояш рад ва 188 диссертатсия дар омӯзиш қарор доранд. То имрӯз 5 шаҳрванди хориҷӣ, 5 хизматчии давлатӣ, 47 корманди муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва 102 нафар омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ диссертатсия ҳимоя намудаанд.

Ин ҷо мехостам диққати хонандаи хушзавқро ба як рақам ҷалб намоям, ки он як сол қабл дар байни ҷомеа боиси нофаҳмиҳо гашта буд. Дар зарфи 3 соли фаъолияти Комиссия ҳамагӣ 374 диссертатсия (дар як сол тақрибан 125 адад) тасдиқ шуда, соҳибонашон дипломҳои дараҷаҳои илмиро гирифтаанд. Ин рақам барои аҳолии қариб 10 миллионаи Тоҷикистон рақами калон аст ё хурд? Яъне, ба 80 000 нафар аҳолии ҷумҳурӣ 1 нафар олим рост омаданаш нишондиҳандаи хуб аст ё начандон хуб? Барои мисол, дар Ҷумҳурии Белорус, ки аҳолиаш тақрибан бо аҳолии Тоҷикистон баробар аст, дар як сол ҳимояи 500 номзади илм ва 50 доктори илм дар сатҳи

давлатӣ ба нақша гирифта шуда, барои ҳамин миқдор ҳукумат маблағгузорӣ мекунад. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон низ вазъ тақрибан ҳамин хел аст. Пас, худ қазоват кунеду хулоса баоред.

Барои дарёфти унвонҳои илмӣ ҳамагӣ 353 дархост ворид шуда, аз онҳо 274-тояш (30 профессорӣ, 244 дотсентӣ) қонеъ, 32-тояш рад ва 47-тояш дар ҳолати омӯзиш қарор дорад. Айнан ҳамин тавр барои тасдиқи баробарарзишии (нострификатсияи) ҳуҷҷатҳои илмии дар хориҷа бадастовардашуда ба Комиссия 41 дархост ворид гардида, 37-тояш тасдиқ, 2-тояш рад ва 2-тои дигараш дар омӯзиши Комиссия қарор дорад. Барои аз аттестатсияи такрорӣ гузаронидани соҳибони дипломҳои дараҷаҳои илмии давлатҳои хориҷӣ 5 дархост (PhD) ворид гардида, 4-тояш тасдиқ ва 1-тояш дар омӯзиш аст.

Дар баробари фаъолияти ШД ватанӣ дар дохили кишвар ШД КОА ФР ва ШД Ҷумҳурии Қирғизистон фаъолият карда, дар якҷоягӣ 3 шабакаи мустақили низоми аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникии мамалакатро ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки фаъолияти ШД хориҷӣ ба самаранокии фаъолияти Комиссия ва танзими раванди ҳимояҳои дохили кишвар халал эҷод менамоянд. Маҳсул ва моликияти зеҳнии мамлакат ба таври ройгон ва бебозгашт ба хориҷи мамлакат интиқол дода мешавад.

Масъалаи мазкур дар мақолаи А.Ш. Қурбонов чунин тасвир ёфтааст: «Беназоратӣ дар фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии Федератсияи Россия, ки дар Тоҷикистон амал мекунанд, боиси афзудани теъдоди олимони соҳибунвон (хусусан, дар самти илмҳои гуманитарӣ) гардид. Баъзан ашхосе соҳиби унвонҳои баланди илмӣ гардида, «олими соҳибмактаб» ном гирифтанд, ки дар доираҳои илмӣ маъруфият надошта, ҳамчун олим мавриди эътироф қарор надоранд. Натиҷаи чунин муносибат аст, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ қурби дипломи номзаду доктори илм хеле поин фуромадааст ва баъзеҳо бо дониши хеле ҳам заиф соҳиби дипломҳои номзадию докторӣ гардида, айни ҳол вазифаҳои мудири кафедра, декани факултет, ҳатто роҳбарии шӯроҳои диссертатсиониро ба уҳда доранд, ки пешгирӣ накардани ин амал, на танҳо боиси коста гардидани нуфузу эътибори илм ва олим мегардад, балки имкон дорад ҷомеаро ба мушкилоти дигар рӯ ба рӯ созад. Вақти он

расидаст, ки ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва пешгирӣ намудани «олимшавӣ»-и ашхоси тасодуфӣ ба фаъолияти тамоми шӯроҳои диссертатсионии Федератсияи Россия, ки дар Тоҷикистон фаъолият доранд, хотима бахшида, назорати сифати диссертатсияҳо ва кадрҳои илмӣ пурра ба салоҳияти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад», ки ҳоҷат ба шарҳро надорад. Танҳо ҳаминро илова карданием, ки имрӯз зарурати таҷдиди назар ё бекор намудани моддаи 7 Созишномаи байни Ҳукумати ФР ва Ҳукумати ҶТ «Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии тахассуси олӣ» аз 12.02.97 дар хусуси мақоми ваколатдори Тоҷикистон дар ин соҳа баромад намудани АИ ҶТ ба миён омадааст. Тибқи маълумоти аз АИ ҶТ дастрасшуда фаъолияти КОА ФР мебоист дар соли 2020 пурра қатъ мегардид, аммо далелҳо баръакси ҳоланд.

Вобаста ба эродҳои Роҳбари давлат дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2019 роҷеъ ба фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ 7 майи соли 2019 дар толори Комиссия бо иштироки Ёрдамчии Президент Абдуҷаббор Раҳмонзода, вазири маориф ва илми ҶТ Нуриддин Саид, президенти АИ ҶТ Фарҳод Раҳимӣ бо раисони шӯроҳои экспертӣ ҷаласаи корӣ ва 14 майи соли 2019 дар толори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкати роҳбарияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар, раисон ва котибони илмии ҳамаи шӯроҳои диссертатсионии дар ҷумҳурӣ амалкунанда ҷаласаи васеъ доир гардид, ки дар онҳо тамоми паҳлуҳои фаъолияти ин шӯроҳо мавриди муҳокима ва арзёбӣ қарор дода шуд.

Семинари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҳамбастагии илм ва истеҳсолот», ки 21 сентябри соли 2019 бо иштироки муовини Сарвазири ҶТ Азим Иброҳим дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардид, барои кормандони илму маорифи кишвар як ҷаласаи муфид ва хотирмон буд. Дар семинари мазкур, ки дар он ба ғайр аз кормандони Комиссия инчунин раисони ШД, кормандони ВМИ ҶТ, АИ ҶТ, академияҳои соҳавӣ ва олимони маъруфи кишвар иштирок доштанд, дар қатори дигар масъалаҳои ҳалталаб ба масъалаи сифати диссертатсияҳои дар ШД ватанӣ ва хориҷӣ ҳимояшаванда, ёфтани роҳҳои татбиқи натиҷаҳои илмии онҳо дар

истеҳсолот диққати махсус дода шуд ва аз ҷониби иштирокчиёни семинар пешниҳодҳои мувофиқ ироа гардид.

Қайд кардан бамаврид аст, ки чорабиниҳои болозикр ба иҷрои талаботи банди 7 протоколи маҷлиси Ҳукумати ҶТ, № 13 аз 25 ноябри соли 2016, ҷиҳати муайян намудани сабабҳои фаъолияти нокифояи олимон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ва ноил нагаштани онҳо ба дастовардҳои назарраси илмӣ, бахусус дар бахшҳои техника ва илмҳои дақиқ ва дарёфти роҳҳои бартарафкунии ин норасоиҳо равона гардидаанд.

Бояд қотеона иброз дошт, ки то кунун дар ҷумҳурӣ ягон ниҳоди мушаххас ба татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкории муҳаққиқону навоварони кишвар ҷиддан, тибқи ягон низомнома ё дастурамал машғул нашудааст. Аммо ҳеҷ тасаввур кардан имкон надорад, ки дар як мамлакати фарҳанги қадимдошта, дорои муассисаҳои зиёди илмӣ ва таҳсилоти олӣ ҳамин гуна ашхоси ихтироъкору навоварро ёфтан ғайри имкон бошад. Ин сарзамин саромадонеро ба дунё овардааст, ки аз офаридаҳои онҳо то ба имрӯз тамоми инсоният баҳра мебарад.

Дар ҳоли ҳозир бошад, ба ғайр аз баъзе навовариҳои алоҳидаи соҳавӣ, дар тамоми диссертатсияҳои номзадӣ ва доктории ҳамватанони мо қисматҳои сохтории махсус бо номҳои «аҳамияти назариявӣ» ва «аҳамияти амалӣ»-и натиҷаҳои таҳқиқоти довталабон дарҷ мегарданд, ки баҳисобгирии давлатии онҳо ва муҳайё сохтани имконияти татбиқашон дар соҳаҳои дахлдори хоҷагии халқ тақозои замони муосир мебошад. Баъзе диссертатсияҳои характери таҷрибавидошта ҳатто замимаҳои патентӣ ва гувоҳномавӣ низ доранд. Мутаассифона, гӯё тамоми ин натиҷаву нишондодҳо танҳо барои ҳимоя пешбинӣ шуда бошанду бас. Дар таҳлилҳои Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ (ММПИ) танҳо ҳисоботҳои оморӣ вобаста ба миқдори диссертатсияҳои дар ҷумҳурӣ ҳимояшуда ба назар мерасад, ки онҳо низ чандон дақиқ нестанд. Бояд механизми татбиқи натиҷаҳои диссертатсиониро кор карда баромад. Амалигардонии ин равандро ба зиммаи худи диссертант ё олими ихтироъкор вогузор кардан аз рӯйи инсоф нест. Бо ин кор бояд ягон ниҳоди давлатӣ машғул бошад. Ҳамин гуна ниҳоди таҳлилӣ ва татбиқӣ, масалан, ягон

зерсохтори худи ММПИ, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ (МТС), Агентии омори назди Президенти ҶТ ва ё Академияи илмҳои ҶТ буда метавонад.

Вобаста ба талаботи банди 7 протоколи маҷлиси Ҳукумат (№ 13, 25.11.16), мо чанде пештар, ҳанӯз соли 2012, баъзе андешаҳо ва мулоҳизаҳои худро якҷоя бо номзади илмҳои иқтисодӣ Ф.А. Ҷабборов дар мақолаҳои «Ҳамгироии илм ва истеҳсолот омили асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ» (маҷаллаи МТС «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз», 2012, № 5 (34), с. 56-67), «Чаро илм аз истеҳсолот дур аст? (Монеаҳои пайванди илму истеҳсолот)» (рӯзномаи «Минбари халқ», № 15 (838), 12.04.12) ва «Ҳамбастагии илму истеҳсолот кафолати рушди соҳибкории истеҳсолӣ» (рӯзномаи «Садои мардум», № 22 (2849), 23.02.12) баён карда будем. Муҳтавои ин мақолаҳо он буд, ки барои дар мамлакат рушд ёфтани илм бояд ба ҳамбастагии илму истеҳсолот ва дигаргунсозиҳои инноватсионӣ аҳамият дод. Вазъи мавҷудаи татбиқи натиҷаҳои корҳои илмӣ дар истеҳсолот ғайриқаноатбахш арзёбӣ шуда буд.

Таҳлили вазъи кунунии инкишофи муносибатҳои бозорӣ дар мамлакати мо аз он шаҳодат медиҳад, ки занҷири табиии рушди иқтисодиёт – «илми бунёдӣ-илми татбиқӣ-истеҳсолот» гусаста аст. То замоне, ки ин занҷир ба таври зарурӣ пайванд нагардад, дастовардҳои илмию инноватсионӣ дар амал татбиқ намегарданд. Ҳарчанд соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ба татбиқи дастовардҳои илмӣ ниёз дошта бошанд ҳам, вале набудани майлу рағбат ба истифодаи онҳо чунин таҳқиқотро нолозим мегардонад.

Сабаби асосии рушд накардани иқтисодиёти инноватсионӣ дар мамлакати мо на сатҳи пасти таҳқиқоти илмӣ, балки мавҷудияти як қатор мушкилиҳо мебошад, ки онҳоро ҳал бояд кард:

– мавҷуд набудани зерсохтори махсуси давлатӣ барои рушди инноватсия;

– омода набудани корхонаҳо барои ҷорисозии инноватсия;

– норасоии кадрҳои баландихтисос барои татбиқи инноватсия;

– ҳамкории ташаккулнаёфтаи байни муассисаҳои илмӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ;

– норасоии маблағгузорӣ ба соҳаҳои илм.

Дар марҳилаи кунунӣ зарур аст, ки зерсохтори равандҳои инноватсионӣ дар сатҳи давлатӣ таъсис дода шавад. Ин зерсохтор метавонад дорои низомҳои зерин бошад:

– таъминоти иттилоотӣ;

– таъминоти ташхисӣ;

– дастгирии молиявӣ-иқтисодӣ;

– дастгирии истеҳсолӣ-технологӣ;

– дастгирӣ ва татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот;

– омодасозӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо.

Фароҳамсозии зерсохтори фаъолияти инноватсионӣ масъалаи марказии ташаккули низоми инноватсионии мамлакат ба ҳисоб меравад. Зерсохтори фаъолияти инноватсионӣ, дар навбати худ, унсурҳо ё зерсохторҳои сатҳи дигарро дар бар мегирад, ки онҳо дар маҷмуъ низоми мукаммали фаъолияти инноватсиониро дар иқтисоди миллӣ ба вуҷуд меоранд.

Ба маҳсулоти инноватсионӣ табдил додани натиҷаи илмӣ раванди басо душвортатбиқ мебошад, чунки маҳз ҳамин раванд илмро бояд бо истифодабарандаи натиҷаҳояш бипайвандад. Сабаби асосии гусаста шудани занҷири «илм-истеҳсолот» низ дар мамлакат маҳз дар ҳамин аст.

Низоми муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо гузариш аз навъи такрористеҳсоли рушд ба навъи инноватсионии рушд тамоюл дорад, ки амалишавии он ба густариши фаъолияти инноватсионӣ вобастагӣ дорад. Ташаккул ва инкишофи иқтисодиёти инноватсионӣ имконияти аз содиркунандаи ашёи хом ба содиркунандаи маҳсулоти тайёр табдил додани мамлакатро фароҳам сохта, барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ заминаҳои воқеиро ба вуҷуд меорад.

Якчанд роҳҳои фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ мавҷуданд:

– баландбардории самаранокии истеҳсолот;

– рақобатпазиргардонии молу хизматрасониҳо;

– гуногунсозии (диверсификатсияи) истеҳсолоти саноатӣ;

– такмили сохтори истеҳсолот ва содирот;

– истифодаи технологияҳои пешқадами истеҳсолот.

Барои ташаккул додани фаъолияти инноватсионӣ чорабиниҳои муайянеро ба нақша гирифта, онҳоро амалӣ сохтан лозим аст, ки роҳу усулҳои амалисозии он гуногун мебошанд. Интихоби усули корбарӣ аз таҷриба, дониш, тахайюлот ва эҷодкории масъулин вобаста аст. Масалан:

1. Пеш аз ҳама бо роҳи таъсис додани марказҳои иттилоотӣ-маркетингӣ талаботи бозорро омӯхта, вобаста ба он мавзӯҳои илмиро коркард ва тасдиқ намуда, таҳқиқотҳои илмиро ба роҳ мондан мумкин аст.

2. Дар низоми қаблии иқтисодӣ тартиби муайяни ҷорисозии натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот мавҷуд буд. Дар низоми иқтисоди бозорӣ бошад, ин раванд дуруст кор намекунад. Ба ҷойи он тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмиро ба роҳ мондан лозим аст.

3. Масъалаи калидии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар кишвари мо бояд омодасозии мутахассисоне бошад, ки бо маҳорати баланд ба тиҷоратикунонии дастовардҳои илмии худ машғул шуда тавонанд. Агар мо ба бозор бо ғоя ва ташаббуси чашмраси тоҷирӣ ворид шавем, ҳамеша маблағ пайдо мешавад. Ба бозор натанҳо бо ғоя, балки бо қобилияти баланди татбиқи ғоя ворид шуда, корхонаро ба татбиқи натиҷаҳои илмии ҳосилшуда ҳавасманд кардан лозим аст.

Яке аз воситаҳои тавонои пайвандгари илм бо истеҳсолот паркҳои технологӣ (технопаркҳо) шуда метавонанд. Ҳукумати мамлакат созмондиҳӣ ва инкишофи паркҳои технологиро дар сохтори муассисаҳои илмӣ ва таълимии кишвар ҳамеша дастгирӣ менамояд. Дар ин хусус қонунҳои зарурӣ низ қабул шудааст. Танҳо ҳамин икдом басанда аст, ки амалан зерсохтори инноватсионӣ ба вуҷуд ояд. Вале, мутаассифона, муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотии кишвар аз ин омил дуруст истифода намебаранд.

Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон собит намудааст, ки технопарк як шакли ҳамгироии илм бо истеҳсолот аст. Муассиса тавассути он имконият пайдо мекунад, ки таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳад ва дар истеҳсоли молу хизматрасониҳои рақобатпазир иштирок намояд.

Парки технологӣ муҳитеро фароҳам меорад, ки дар заминаи он инкишофи устувори соҳибкории илмӣ-технологӣ, истеҳсолӣ ва

таъсиси корхонаҳои хурду миёна имконпазир мегардад. Дар ин гуна муҳит метавонад ҳайати босалоҳияти илмие ташаккул ёбад, ки он аз муаллифони ташаббускор, таҳиягарон, докторантҳо, магистрантҳо, аспирантҳо, унвонҷӯён ва донишҷӯён иборат бошад. Ба ин васила сармояи зеҳнӣ ва зерсохтори муассиса метавонад ба омили муҳиме табдил ёбад, ки он талаботи иқтисодиётро қонеъ сохта тавонад:

1) парки технологии муассиса аз корхона фармоиш гирифта, онро иҷро, корхона онро маблағгузорӣ мекунад. Дар натиҷа муассиса соҳиби подош, корхона бошад, соҳиби истеҳсолоти инноватсионӣ мегардад;

2) муассиса тибқи тақозои бозор, мустақиман, талаботи корхонаи истеҳсолиро меомӯзад, инноватсияро кор карда мебарояд ва барои татбиқ ба корхона пешниҳод менамояд.

Дар охир мехостам боз як иқтибос аз мақолаи А.Ш. Қурбонов пешкаш намоям, ки хеле бамаврид аст: «Ҳимояи илм ин ҳимояи захираи зеҳнӣ ва дар маҷмӯъ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ мебошад». Бинобар он моро мебояд, ки занҷири гусастаи илм бо истеҳсолотро мустаҳкамтар бибандем. Вобаста ба ҳалли ин масъала Комиссия тасмим гирифтааст, ки минбаъд:

− барои шаффофияти бештари фаъолияташ хадамоти электрониро роҳандозӣ намояд;

− тавассути роҳбарони муассисаҳо назорати ҷиддиро роҷеъ ба фаъолияти ШД ва серталабиро ҷиҳати аз рӯйи низомномаву дастурҳо омода намудани парвандаҳои аттсетатсионӣ барои дарёфти унвонҳои илмӣ ба роҳ монад;

− дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати интихоби мавзуъҳои диссертатсионӣ вобаста ба иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат чораандешӣ намояд;

− бо мақсади пешгирии сохтакориҳои ШД ва корсозии диссертантҳо барои насби сервери пуриқтидор чораҳои зарурӣ андешад;

− ҳолатҳои номатлуби шиносбозӣ, хешутаборчигӣ ва амалҳои коррупсионии барои илм бегонаро дар ШД пешгирӣ намояд;

− беиҷозат, пинҳонӣ ҳимоя кардани диссертатсияҳоро дар дигар давлатҳо барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ пешгирӣ кунад;

–пинҳон нигоҳ доштани маҳрумият аз дараҷаҳо ва унвонҳои илмии дар дигар ҷумҳуриҳо бадастовардаи шаҳрвандони кишварро пайгирӣ намояд;

–натиҷаи корҳои илмии довталабонро пас аз ҳимоя низ таҳти назорат қарор диҳад ва дар мавриди ошкор гардидани каммаҳсулии соҳибдиплом, то маҳрум сохтани он аз дараҷаи илмии мувофиқ масъалагузорӣ намояд;

–воқеӣ будани фаъолияти ҳамкоронро вобаста ба дархости муассиса роҷеъ ба дарёфти унвонҳои илмӣ санҷад;

–минбаъд низ барои ба кор ҷалб намудани мутахассисони соҳавии арзандаву дорои тахассуси олӣ чораҷӯӣ намояд.

# ШИНОСНОМАҲОИ СОҲАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТӢ-ГУМАНИТАРӢ

## ШИНОСНОМАИ ИХТИСОСИ 6D050700

(*Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2020, №2 тасдиқ шудааст.*)

**Рамзи ихтисос**:

**6D050700**-Менеҷмент

**I.Соҳаи илм:**

Илмҳои иқтисодӣ

**II. Шарҳи ихтисос:**

*Муҳтавои соҳаи таҳқиқоти* ихтисоси мазкур ошкорсозӣ, таҳлил ва ҳалли мушкилоти ташаккул ва инкишофи назария ва амалияи идоракунии ташкилот ҳамчун низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо мақсади кашфи робитаҳои устувор ва қонуниятҳое, ки табиат ва мазмуни ҳамин проблемаҳо, мантиқ ва механизми ҳалли онҳоро муайян мекунанд. Аз ҷумла, таҳқиқи тамоюлҳо ва қонуниятҳо дар соҳаи менеҷменти умумӣ ва стратегӣ, менеҷменти инноватсионӣ, идоракунии ҳайат, низомҳои муосири истеҳсолӣ мебошад.

*Объекти таҳқиқот* низоми мақомот ва ниҳодҳои идоракунии оммавӣ, шаклҳои ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ (аз ҷумла, виртуалӣ) новобаста аз шакли моликият, зерсохторҳои алоҳидаи ҳамин ташкилотҳо ва равандҳои алоҳидае, ки дар дохили ташкилот ҷараён доранд, ҳайати ташкилот, инчунин иттиҳодияи ташкилотҳо (ассотсиатсияҳо, иттиҳодияҳо, гурӯҳҳои милиявию саноатӣ, шабакаҳо ва ғайра) ва қонуниятҳои амалкарди онҳо бо дарназардошти таъсири омилҳои берунаро ташкил менамояд.

**III. Соҳаҳои таҳқиқот:**

1.Коркарди масоили илми идоракунӣ ва методҳои идроки он. Дидгоҳҳои назариявӣ ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракунӣ.

2.Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарққунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити муосир. Принсипҳои ташкил, захираҳо ва равандҳои идоракунии оммавӣ.

3.Идоракунии оммавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ. Вижагиҳои ташкили миллии низоми идоракунии оммавӣ. Ислоҳот дар низоми идоракунии оммавӣ.

4.Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва равишҳои амалисозии сиёсати давлатӣ.

5.Вижагии коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Робитаҳои бевосита ва бавоситаи сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи онҳо. Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии моликияти давлатӣ.

6.Идоракунӣ аз рӯйи натиҷаҳо. Низоми масъулият дар соҳаи идоракунии оммавӣ.

7.Таъминоти иттилоотии низоми идоракунии оммавӣ. «Демократияи электронӣ», «давлати электронӣ», «ҳукумати электронӣ» ва технологияи маъмуригардонии электронӣ.

8.Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, принсипҳо, шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати низоми иқтисодӣ. Идоракунии тағйиротҳо дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои ташкилаҳои ҳамгироёна ва равандҳои ҳамгироии бизнес.

9.Ташкилот ҳамчун объекти идоракунӣ. Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии ташкилот. Таркиби функсионалии идоракунӣ. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмуддат, миёнамуддат ва кӯтоҳмуддати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯйи даврҳои ҳаётии он.

10.Лоиҳакашии низоми идоракунии ташкилот. Шаклҳои нави амалкард ва инкишофи низоми идоракунии ташкилот. Низомҳои иттилоотӣ дар идоракунии ташкилот. Сифати идоракунии ташкилот. Методологияи инкишофи бизнес-равандҳо. Инкишофи методология и методҳои идоракунии низоми инноватсионии корпоративӣ.

11.Раванди идоракунии ташкилот, зернизомҳо ва вазифаҳои алоҳидаи он. Ҳадафгузорӣ ва банақшагирӣ дар идоракунии ташкилот. Назорат, мониторинг и бенчмаркинг. Механизмҳо и методҳои қабул ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ. Идоракунии лоиҳаҳо. Идоракунии донишҳо. Менеҷменти таваккал. Идоракунии истеҳсолот. Низомҳои муосири истеҳсолӣ.

12.Арзёбии идоракунии ташкилот ҳамчун низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Меъёрҳои арзёбии самаранокии идоракунӣ. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ.

13.Рафтори муташаккил, ҷанбаҳои иҷтимоию равонии идоракунӣ. Гурӯҳ ва рафтори гурӯҳ дар ҷараёни идоракунӣ. Назарияҳои муосири дастасозӣ, муносибатҳои байнигурӯҳӣ дар ҷараёни идоракунӣ.

14.Фарҳанги ташкилот. Таъсири фарҳанги ташкилот ба рафтори иқтисодиву иҷтимоии одамон. Омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии инкишофи фарҳанги ташкилот. Масъалаҳои методологии таҳқиқи фарҳанги ташкилот.

15.Менеҷменти стратегӣ, методҳо ва шаклҳои амалисозии он. Муҳити дохилӣ ва берунии ташкилот. Раванд ва методҳои коркард ва татбиқи стратегия. Инкишофи шаклҳои стратегии шарикиҳо. Мазмун ва методҳои назорати стратегӣ. Стратегияҳои корпоративӣ, муносибсозии андозаи ширкат ва ҳамгироии амудӣ, стратегияҳои гуногунсозӣ (диверсификатсия). Ташаккул ва идоракунии силсилаҳои офаридани арзиш. Рақобатпазирии бизнес. Ташкил ва нигаҳдории салоҳиятҳои калидӣ. Захираҳои стратегӣ ва қобилиятҳои ташкилотии ширкат. Низоми мутавозини нишондиҳандаҳо ҳамчун воситаи татбиқи стратегияи ширкат. Раванди бунёди низоми мутавозини нишондиҳандаҳо (НМН). Бартарӣ ва норасоиҳои истифодаи НМН дар шароити Тоҷикистон. Идоракунии қобилияти ҳаётии ташкилот.

16.Идоракунии ташкилот дар қаринаи бизнеси байналмилалӣ. Ташкил ва идоракунии ширкати байналмилалӣ. Бизнес-стратегияҳои байналмилалӣ. Алянсҳои байналмилалӣ ва шабакаҳои ширкатҳо. Якҷояшавӣ ва фурӯбарӣ дар бизнеси байналмилалӣ.

17.Идоракунии корпоративӣ. Шакл ва методҳои назорати корпоративӣ. Идоракунии арзиши ширкат. Нақш ва таъсири стейкҳолдерҳо ба ташкилот. Ҳадафи (рисолати) ташкилот.

Масъулияти ичтимоии корпоративӣ. Масъулияти ичтимоӣ ва экологии бизнес.

18. Сарварӣ дар ташкилот. Намуд ва амсилаҳои сарварӣ. Диалектикаи алоқамандии сарвар ва пайравон. Идоракунии низоъҳо. Намудҳои низоъ дар чараёни идоракунии ташкилот, шакл ва методҳои рафъи онҳо. Роҳҳо ва методҳои огоҳкунии низоъҳои меҳнатӣ ва ҳалли онҳо.

19.Ҳайати идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва инкишофи кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии карйера ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Усулҳои ҳавасмандгардонии менечерони зинаи олӣ.

20.Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти касбӣ: мақсад, принсипҳо, таҳаввулоти равишҳо. Моҳияти вазифаҳои иқтисодӣ ва ичтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилотҳо. Салоҳиятнокии ҳайат ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва идоракунии ҳайат. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайат.

21.Самаранокии меҳнати ҳайат. Робитаҳои байниҳамдигарии самаранокии идоракунӣ бо натичабахшии меҳнати ҳар як корманд. Арзёбии ҳайат аз рӯйи натичаҳои меҳнати ӯ. Ташкили мониторинги ичтимоӣ-меҳнатӣ, гузаронидани таҳлили нишондиҳандаҳои меҳнатӣ. Назорат ва аудити ҳайат, банақшагирӣ ва ояндабинии инкишоф. Бючетикунонии харочот барои ҳайат.

22.Инкишофи ичтимоӣ ва шарикии ичтимоӣ ҳамчун самтҳои калидии танзими муносибатҳои ичтимоию меҳнатӣ ва ичтимоию иқтисодӣ дар хочагии бозорӣ. Муносибатҳои меҳнатӣ ва танзими онҳо тавассути шарикии ичтимоӣ (созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ, минатқавӣ ва шартномаҳои коллективӣ); механизмҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар шаклҳои гуногуни моликият; сабаб ва ҳавасмандӣ ба меҳнат, алоқамандии он бо рафтори меҳнатии коргарон, қаноатмандӣ аз меҳнат.

23.Чанбаҳои байналмилалӣ дар соҳаи идоракунии ҳайат. Мушкилоти ҳамкориҳои фарофарҳангӣ ва идоракунии коллективҳои фарофарҳангӣ. Фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои идоракунии ҳайат.

24.Таърихи афкори идоракунӣ. Бавуҷудоӣ ва инкишофи дидгоҳҳо ба идоракунӣ дар доираи мактабҳои алоҳидаи илмӣ. Баҳамалоқамандии баёни инкишофи идроки назариявии идоракунӣ ва равандҳое, ки дар низомҳои иқтисодӣ ҷараён доранд.

25.Инкишофи таърихии низоми идоракунӣ. Мантиқи инкишофи низоми идоракунӣ, омилҳое, ки тағйирёбӣ ва самтҳои таҳаввулоти низоми идоракуниро тавсиф мекунанд. Таҳлили муқоисавии низоми идоракунӣ дар муҳити гуногуни иҷтимоию иитисодӣ ва сиёсӣ. Таҷрибаи таърихии инкишофи низоми идоракунӣ дар давлатҳои алоҳида.

26.Машварати идоравӣ. Нақш ва мақоми машварати идоравӣ дар таҷрибаи инкишофи низомҳои идоракунӣ. Таркиб, шакл ва методҳои машварати идоравӣ. Ташаккул ва инкишофи кадрҳои машварати идоравӣ.

27.Назария ва амалияи идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.

28.Назария ва амалияи идоракунии зиддибуҳронии ташкилот. Инкишофи амсилаҳои идоракунии зиддибуҳронӣ.

**IV.Ихтисосҳои муҷовир**

6D050600 – Иқтисодиёт
6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит
6D050900 – Молия
6D051100 – Маркетинг
6D051200 – Омор
6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ
6D051700 – Менеҷменти инноватсионӣ
6D051800 – Идоракунии лоиҳаҳо
6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ

# ПАСПОРТ СПЕЦИАЛЬНОСТИ 6D050700

*(Утвержден Решением Президиума Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 31 августа 2020 года, №2)*

**Шифр специальности:**

**6D050700**-Менеджмент

**I.Отрасль науки:**

Экономические науки

**II.Формула специальности:**

*Содержание области исследования*: выявление, анализ и разрешение проблем становления и развития теории и практики управления организациями как социальными и экономическими системами с целью вскрытия устойчивых связей и закономерностей, определяющих природу и содержание этих проблем, логику и механизмы их разрешения. В частности, исследование тенденций и закономерностей в области общего и стратегического менеджмента, инновационного менеджмента, управления персоналом, современных производственных систем.

*Объект исследования*: система органов и институтов публичного управления, организационно-правовые формы коммерческих и некоммерческих организаций (в том числе виртуальные) вне зависимости от формы собственности, отдельные подразделения этих организаций и отдельные процессы, протекающие внутри организаций, персонал организаций, а также объединения организаций (ассоциации, союзы, финансово-промышленные группы, сети и др.) и закономерности их функционирования с учётом влияния внешней среды.

**III. Области исследований:**

1. Разработка проблем науки управления и методов её познания. Теоретические взгляды на природу, сущность и развитие управления. Современные направления теоретико-методологических разработок в области управления. Предметные и междисциплинарные основания управления.

2. Сущность, структура и отличительные особенности системы публичного управления, основные тенденции и направления ее развития в современных условиях. Принципы организации, ресурсы и процесс публичного управления.

3. Публичное управление в условиях глобализации и становления информационного общества. Особенности национальной организации системы публичного управления. Реформы в системе публичного управления.

4. Государственная политика, механизмы, методы и технологии ее разработки и реализации. Стратегии и тактики в осуществлении государственной политики.

5. Особенности разработки и реализации государственной политики в экономической и социальной сферах. Прямые и обратные связи государственной политики, механизмов, методов и технологий ее разработки и реализации. Развитие форм государственно-частного партнерства. Управление государственным имуществом.

6. Управление по результатам. Система ответственности в сфере публичного управления.

7. Информационное обеспечение системы публичного управления. «Электронная демократия», «электронное государство», «электронное правительство» и технологии электронного администрирования.

8. Управление экономическими системами, принципы, формы и методы его осуществления. Зависимость управления от характера и состояния экономической системы. Управление изменениями в экономических системах. Теория и практика управления интеграционными образованиями и процессами интеграции бизнеса.

9. Организация как объект управления. Теоретико-методические основы управления организацией. Функциональное содержание управления. Структуры управления организацией. Долгосрочные, среднесрочные и краткосрочные аспекты управления организацией, текущее управление. Управление организацией по стадиям её жизненного цикла.

10. Проектирование систем управления организациями. Новые формы функционирования и развития систем управления

организациями. Информационные системы в управлении организациями. Качество управления организацией. Методология развития бизнес-процессов. Развитие методологии и методов управления корпоративной инновационной системой.

11. Процесс управления организацией, её отдельными подсистемами и функциями. Целеполагание и планирование в управлении организацией. Контроль, мониторинг и бенчмаркинг. Механизмы и методы принятия и реализации управленческих решений. Управление проектом. Управление знаниями. Риск-менеджмент. Управление производством. Современные производственные системы.

12. Оценка управления организациями как социальными и экономическими системами. Критерии оценки эффективности управления. Методы и показатели оценки результативности управления.

13. Организационное поведение, социально-психологические аспекты управления. Группа и поведение группы в процессе управления. Современные теории командообразования, межгрупповые отношения в процессе управления.

14. Организационная культура. Влияние организационной культуры на экономическое и социальное поведение людей. Социокультурные, социально-политические и социально-экономические факторы развития организационной культуры. Методологические вопросы изучения организационной культуры.

